МЕЪМОРИ ЯКЕ АЗ ИМПЕРИЯҲОИ САНОАТИИ РУСИЯ с. 7
ДУШАНБЕ ПЕШСАФИ СОХТМОНИ МАНЗИЛ с. 2
БОЛОРАВИИ НАРХИ СӮЗИШВОРӢ ДАР ТОҶИКИСТОН с. 3

# ТОҶИКИСТОН

№ 23 (1687), 10.06.26 РӮЗНОМА ЗИЁД, «ТОҶИКИСТОН» ЯКТОСТ! Оғози нашр соли 1992



# АЛИФБОИ НИЁГОН

## 6 пешниҳод барои татбиқи супориши Президент




PRESSA.TJ
БОХАБАР АЗ ГАПИ ҶАҲОН БОШ!

ДАР ИН ШУМОРА:

**СОДИРОТ**
Русия манъ кард, рӯ ба Эрон с.3

**ХОВАРИ МИЁНА**
Алангаи навбат миёни Эрону Исроил с.4

**КУМАКИ БАШАРДӮСТОНА**
Кадом кишвар пешсаф аст? с.2

**БАТР**
Иқтисоди Тоҷикистонро чӣ интизор аст? с.6

**МАҶИД САЛИМ:**
Ҳайвонот бовафотар аз инсонанд с.10

**ЗОДАИ АШТ**
Падари Абдулло Қаҳҳор кӣ буд? с.13

**ВАРЗИШ**
Бузургтарин мусобиқаи сол оғоз мешавад с.15

**КАНЗИ ШИФО**
Муъҷизаҳои тарбузу бодиринг с.12

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

**Шариф ҲАМДАМПУР,** Сармуҳаррир, раиси ҳайати мушовара

**Матлубахон САТТОРИЁН,** Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Шералӣ КАБИР,** Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,** президенти АМИТ, академик

**Муҷибахон ЧАВҲАРӢ,** раиси Кумита оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дилбар ОДИЛЗОДА,** муовини раиси шаҳри Душанбе

**Заробиддин ҚОСИМӢ,** Сардори хадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,** Раиси Шурои уламои Тоҷикистон

**Носирҷон САЛИМӢ,** академик

**Гулсифат ШАҲИДӢ,** нависанда

**Рафоэл НЕКТАЛОВ,** Сармуҳаррири рӯзномаи The Bukharian Times

**Иноят ИНОЯТОВ,** ҳуқуқшинос

**Одил НОЗИР,** муҳаррир

**Усмон РАҲИМЗОДА,** муҳаррири сомонаи pressa.tj

**Фирдавс САТТОРОВ,** саҳифабанд

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст. Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88,**
**238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.

## ИМТИЁЗ БА ДОВТАЛАБОН

**10-уми июн марҳилаи дуюми сабти ном барои имтиҳонҳои дохилшавӣ ба донишгоҳу донишкадаҳо оғоз шуд.**

Довталабоне, ки дар даври асосӣ сабти ном нашудаанд ё мехоҳанд интихоби худро иваз намоянд, то 30-юми июн имкони пешниҳоди ҳуҷҷатҳоро ба Маркази миллии тестӣ доранд.

Сабти ном барои даври дуюм дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Панҷакент, Хоруғ, Бохтар, Кӯлоб ва ноҳияҳои Данғараву Рашт ба роҳ монда шудааст.

Довталабонро зарур аст, ки ҳангоми сабти ном ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият, варақаи бақайдгирии даврай асосӣ ва рақами расиди худро пешниҳод кунанд.

Довталабоне, ки мехоҳанд ихтисосҳои дар марҳилаи якум интихобкардаашонро иваз кунанд, бо пардохти 370 сомонӣ (барои хатмкунандагони синфи 11) ва 320 сомонӣ (барои синфи 9) метавонанд дар даври дуюм тағйир диҳанд.

Ёдовар мешавем, ки аз 1 то 10-уми июл даври асосии имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олии касбӣ барои довталабони дар марҳалаи асосии бақайдгирӣ номнависшуда баргузор мегардад.

## ТАҒЙИРОТ ДАР «КОРВОН»

**Минбаъд бозори «Корвон»-и шаҳри Душанбе рӯзҳои ҷумъа низ фаъолият мекунад.**

Ин дар ҳолест, ки пештар ҳар ҳафта рӯзи ҷумъа дар бозор корҳои тозагӣ ва бедоштӣ гузаронида шуда, фаъолияти он муваққатан қатъ мегардид.

Тибқи тартиби нав, танҳо душанбеи аввали ҳар моҳ ҳамчун рӯзи бедоштӣ муайян шуда, дар ин рӯз бозор барои гузаронидани корҳои санитарӣ баста мешавад. Масъулини бозор мегӯянд, ки тағйирот бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои фурӯшандагон ва харидорон роҳандозӣ шудааст.



## ОҒОЗИ БУНЁДИ МАҶМААИ IT-HUB DUSHANBE

**9-уми июни соли равон бо иштироки раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ ба корҳои сохтмони маҷмааи муосири IT-Hub Dushanbe оғоз ва санги асоси он гузошта шуд.**

Маҷмааи IT-Hub Dushanbe яке аз лоиҳаҳои муҳими инфрасохтории пойтахт дар самти рақамикунонии иқтисод ва рушди технологияҳои муосир арзёбӣ мешавад.

Тибқи иттилои расмӣ, маҷмааи IT-Hub Dushanbe аз чанд бахши калидӣ, аз ҷумла Мактаби IT, IT Park, Маркази тиҷоратии технологияҳои иттилоотӣ ва Маркази минтақавии зеҳни сунъӣ иборат аст.

Ҳадафи асосии бунёди ин маҷмаа рушди иқтисоди рақамӣ, густариши технологияҳои муосир, ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ мебошад.

Инчунин, таъсиси Мактаби IT ва IT Park ба омода намудани мутахассисони баландихтисос дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, дастгирии стартапҳо ва рушди экосистемаи рақамии кишвар мусоидат хоҳад кард.

## ДУШАНБЕ ПЕШСАФИ СОХТМОНИ МАНЗИЛ

**Дар Тоҷикистон сохтмони манзилҳои истиқоматӣ тайи моҳҳои январ-апрели соли равон афзоиш ёфтааст.**

Бино ба гузориши Агентии омори кишвар, афзоиши мизони сохтмони биноҳои истиқоматӣ махсусан дар бахши хусусӣ ба қайд гирифта шудааст. Дар ҷумҳурӣ ин муддат ба масоҳати умумии 500 ҳазор метри мураббаъ хонаҳои истиқоматӣ ба истифода дода шудаанд. Ин нишондод нисбат ба ҳамин даврай соли гузашта 1,5 баробар бештар аст.

Қариб нисфи хонаҳои истиқоматии навбунёд дар Тоҷикистон ва шаҳри Душанбе рост меояд. Аз ним миллион метри мураббаъ дар ҷумҳурӣ 234 ҳазор метри мураббаъ ва ё 46,8% ба пойтахт рост меояд.

Дар ҷойи дуюм Хатлон - 115,3 ҳазор, сеюм Суғд - 107 ҳазор ва НТҶ бо 38,8 ҳазор метри мураббаъ меистанд.

Дар ин муддат панҷ мактаб барои беш аз 7 ҳазор нафар ва муассисаҳои томактабӣ барои 1406 ҷой сохта ба истифода дода шудааст.

## САРИ САБЗ



**Мирзоҳусайни БАДАЛИПУР, устоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**- Мақоми шоир ва шеъри асил ҳамеша барҷой ва пойдор мемонад, вале бо интишори шабакаҳои иҷтимоӣ, ки назоратногир аст, шеъри бемазмун, бемантиқ, бевазн, бемаънӣ ва шоирони хасакӣ зиёд мешавад, ки ба харобии зеҳни маънавии мардум оварда мерасонад.**

*- Шумо ҳамчун муҳаққиқ, ки манзараро бештар эҳсос мекунед, метавонед барои пешгирии харобии зеҳни маънавии мардум ягон тавсия диҳед? Масалан, тақвият додани интишори китобҳо метавонад бо шабакаҳои иҷтимоӣ мубориза барад?*



**Ойниҳол БОБОНАЗАРОВА, ҳуқуқшиноси номдори тоҷик**

**- Трамп мардумро фиреб дод; ӯ ваъда дода буд, ки ба корҳои дохилии дигар кишварҳо даҳолат намекунад ва ба ҳеҷ ҷанге шарик намешавад. Мардум ба ин бовар карданд. Имрӯз ҳатто ҷумҳурихоҳоне, ки тарафдораш буданд, аз ӯ норозиянд.**

*- Кор аз кор гузашт, муаллимаи азиз! Дигар на демократаш ягон кор карда метавонад, на ҷумҳурихоҳаш. Норозигӣ ҳам ягон фоида надорад. Мардуми зудбовар бошанд, акнун боварҳояшонро дар ҷайбашон андохта мегарданд.*



**Муқимҷон АБДУФАТТОЕВ, муассис ва роҳбари “Хандинкамон”**

**- Зиёданд одамоне, ки рафтору гуфтору кирдорашонро дар саҳнаҳои мо мебинанд ва ҳатто зане гуфта буд, ки шавҳараш пас аз тамошои кадом саҳнаи “Хандинкамон” ба хона баргаштааст. Ҳамчунин, бархе хушдоманҳо “наход мо ҳамин хел бошем” гуфта, механданд...**

*- Худо аз ханда диҳад. Барои ҳамин, кӯшиш кунед, ки ба мавзуҳои доғи доғ камтар даст занед ё умуман даст назанед, вагарна, аввал ягон шатта ё шаппотии обдор фаровардану баъдан бозавк, қоҳ-қоҳ хандиданашон ҳам эҳтимол дорад.*



# РУСИЯ СОДИРОТРО МАНЪ КАРД, РӮ БА ЭРОН БОЯД ОВАРД

**РУСИЯ СОДИРОТИ МАВОДИ СӮХТ БАРОИ ҲАВОПАЙМОҲО (КЕРОСИНИ АВИАТСИОНӢ)-РО ТО 30-ЮМИ НОЯБРИ СОЛИ 2026 МАНЪ КАРД. ИН ҚАРОР БОИСИ ОН ШУДААСТ, КИ ДУШАНБЕ ДАР МАВРИДИ ТАҲВИЛИ ИН НАВЪИ СӮЗИШВОРӢ АЗ ЭРОН ТАЛОШ КУНАД.**

### ВОБАСТАГӢ АЗ БОЗОРИ РУСИЯ

Тибқи маълумоти расмӣ, соли 2025 Тоҷикистон аз Русия зиёда аз 1,2 миллион тонна маҳсулоти нафтӣ ва газӣ моеъ ворид кардааст, ки нисбат ба соли пеш 17,5 дарсад бештар мебошад. Умуман, аз ҳаҷми умумии воридоти маҳсулоти нафтӣ ба ҷумҳурӣ 84 дарсад ба Русия рост меояд.

Ин ҳамкорӣ барои Тоҷикистон то имрӯз аз ҷиҳати иқтисодӣ судманд буд. Аз соли 2013 дар доираи созишномаи байнидавлатӣ ҷумҳурӣ сӯзишвориро бидуни пардохти боҷҳои содиротии Русия ворид мекунад. Аммо таҷрибаи солҳои охир нишон дод, ки ҳангоми ба миён омадани мушкилоти бозори дохилии Русия, маҳдудиятҳои содиротӣ метавонанд ҳар лаҳза ҷорӣ шаванд.

Русия дар солҳои гузашта чандин маротиба содироти бензин ва сӯзишвории дизелиро маҳдуд карда буд ва ҳоло бори аввал содироти керосини авиатсиониро низ қатъ намуд.

### ПАЁМАДҲО БА ТОҶИКИСТОН

Дар кӯтоҳмуддат эҳтимоли ба вуҷуд омадани бӯҳрони шадид кам ба назар мерасад. Захираҳои мавҷуда ва таҳвилҳое, ки дар доираи созишномаҳои байниҳукуматӣ амалӣ мешаванд, метавонанд вазъро мӯътадил нигоҳ доранд. Аммо дар дурнамои миёнамуҳлат як қатор хавфҳо вуҷуд доранд.

**Аз ҷумла:**

- *болоравии арзиши сӯзишвории ҳавопаймоӣ;*
- *афзоиши нархи билетҳои ҳавопаймо;*
- *гарон шудани интиқоли борҳои ҳавоӣ;*
- *таъсири занҷиравӣ ба нархи молу хизматрасониҳо;*
- *афзоиши хароҷоти ширкатҳои ҳавонавардӣ.*

Бо дарназардошти он ки хатсайрҳои ҳавоӣ барои муҳоҷирати меҳнатӣ ва равобити иқтисодии Тоҷикистон аҳамияти ҳаётӣ доранд, ҳар гуна тағйирот дар бозори сӯзишвории ҳавопаймо метавонад ба ҳазорҳо шаҳрванд ва садҳо соҳибкор таъсир расонад.

### ТАЪСИРИ БУҲРОНИ ХОВАРИ МИЁНА

Вазъ боз ҳам мураккабтар шудааст. Танишҳои ахир дар Ховари Миёна ва баста шудани тангаи Ҳурмуз аз ҷониби Эрон, ки қаблан тақрибан панҷяки интиқоли ҷаҳонии нафт аз он мегузашт, ба болоравии нархи нафт дар бозорҳои байналмилалӣ сабаб гардидааст.

Дар чунин шароит бисёр кишварҳо кӯшиш доранд манбаъҳои таъминоти худро ҷустуҷӯ кунанд ва аз вобастагӣ ба як таъминкунанда раҳоӣ ёбанд.

### РӮ БА ЭРОН

Дар ҳамин замина, талошҳои Тоҷикистон барои густариши ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Исломии Эрон аҳамияти махсус пайдо мекунанд.

Ҳанӯз моҳи сентябри соли 2024 дар мулоқоти вазири энергетика ва захираҳои оби Тоҷикистон Далер Ҷумъа ва вазири нафти Эрон Муҳсин Покнажод масъалаҳои ҷалби сармоя ба бахши нафту газ, таҳвили нафти хом бо пешниҳоди таҳфифҳо ва табодули таҷрибаи мутахассисон баррасӣ шуда буданд.

**Афзалиятҳои ҳамкорӣ бо Эрон чанд самти муҳимро дар бар мегиранд:**

**Якум,** диверсификатсияи манбаъҳои воридот. Агар Тоҷикистон қисми эҳтиёҷоти худро аз ҳисоби Эрон таъмин кунад, вобастагии мутлақ аз як бозор коҳиш меёбад.

**Дуюм,** имкони воридоти нафти хом барои коркарди дохилӣ. Лоиҳаи бунёди корхонаи коркарди нафт дар минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» метавонад ба як иқдоми стратегии миллӣ табдил ёбад.

**Сеюм,** ҷалби сармоя ва технология. Эрон дар соҳаи нафту газ таҷрибаи бузург дошта, метавонад дар омӯзиши конҳои эҳтимолии Тоҷикистон ва омодасозии мутахассисон саҳмгузор бошад.

**Чорум,** таъсири мусбат ба бозори дохилӣ. Дар оянда истеҳсоли дохилии маҳсулоти нафтӣ метавонад арзиши воридот ва хароҷоти нақлиётиро коҳиш диҳад.

### ҲУШДОР

Манъи содироти сӯзишвории ҳавопаймоӣ аз ҷониби Русия барои Тоҷикистон ҳанӯз ба маънои бӯҳрони таъминот нест. Захираҳои мавҷуда ва музокироти дарпешистода метавонанд мушкилоти кӯтоҳмуддатро ҳал кунанд.

Аммо ин воқеа бори дигар нишон дод, ки амнияти энергетикӣ танҳо бо такя ба як бозор таъмин намешавад. Гуногунсозии манбаъҳои таъминот, рушди иқтидори коркарди дохилӣ ва тақвияти ҳамкорӣ бо кишварҳое чун Эрон метавонанд барои Тоҷикистон на танҳо роҳи ҳалли мушкилоти имрӯз, балки кафолати суботи иқтисодии фардо бошанд.

**Д. ҚОДИРПУР**

# БУНЁДИ ПАРКИ САНОАТИИ ТОҶИКИСТОНУ РУСИЯ

**Парлумони Тоҷикистон лоиҳаи бунёди Парки саноатии Тоҷикистону Русияро тасвиб кардааст. Дар ин бора аз парлумони кишвар хабар медиҳанд. Гуфта мешавад, ки тарҳи мазкур бо мақсади рушди соҳаи саноати кишвар, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ қабул шуд.**

Ба навиштаи манбаъ, созишномаи сармоягузорӣ дар бораи таъсиси ин парки саноатӣ дар шаҳри Душанбе рӯзи 20-уми май дар ҷаласаи парлумон тасвиб шуд.

Ин лоиҳаи муштарак дар заминаи "Коргоҳи мошинсозӣ" дар шаҳри Душанбе бунёд мегардад. Ба иттилои манбаъ, маблағгузории парки мазкур миёни Тоҷикистону Русия баробар тақсим шудааст. Вале маълум нест, ки барои сохтани он чӣ қадар пул масраф хоҳад шуд.

Гуфта мешавад, ки барои таҷдид ва навсозии инфрасохтори парки саноатӣ Русия 500 миллион рубл ҷудо мекунад ва аз буҷети Тоҷикистон дар ин хусус маблағ харҷ намешавад.

Ин созишнома миёни Ҳукумати Тоҷикистон, "Коргоҳи мошинсозӣ", "Идораи лоиҳаҳои байналмилалӣ" ва Ҳукумати Бошқирдистони Русия амалӣ мешавад.

# БОЛОРАВИИ НАРХИ СӮЗИШВОРӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

**Дар чанд рӯзи охир нархи бензин ва сӯзишвории дизелӣ дар Тоҷикистон дубора боло рафт. Ин тағйирот дар ҳоле сурат мегирад, ки иқтисоди кишвар аз воридоти маҳсулоти нафтӣ сахт вобаста буда, ҳар як тағйирот дар бозори ҷаҳонӣ бевосита ба зиндагии мардум таъсир мерасонад.**

Тибқи мушоҳидаҳо, рӯзи 9-уми июн дар нуқтаҳои фурӯши сӯзишвории шаҳри Душанбе як литр бензини серистеъмоли АИ-92 ба 11 сомониву 30 дирам расид. Ин дар ҳолест, ки ҳамагӣ як ҳафта пеш нархи он 10 сомониву 90 дирам ва се ҳафта қабл 10 сомониву 40 дирам буд. Ба ҳамин тартиб, дар давоми се ҳафта бензини АИ-92 тақрибан 90 дирам гарон шудааст.

Болоравии нархи сӯзишвории дизелӣ боз ҳам назаррастар аст. Агар ҳафтаи гузашта як литр солярка 11 сомонӣ арзиш дошта бошад, ҳоло нархи он ба 13 сомониву 30 дирам расидааст. Яъне, танҳо дар давоми як ҳафта арзиши ин навъи сӯзишворӣ 2 сомониву 30 дирам боло рафтааст.

Фурӯшандагони нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ мегӯянд, ки дар бозор норасоии маҳсулот мушоҳида намешавад ва онҳо сабаби аслии болоравии нархҳоро намедонанд. Аммо Хадамоти зиддиинҳисории Тоҷикистон тағйири нархҳоро ба вазъи бозори ҷаҳонӣ ва ташаннуҷи сиёсӣ дар Ховари Миёна рабт медиҳад.

Ба гуфтаи ин ниҳод, маҳсулоти нафтӣ воридотӣ буда, арзиши он мустақиман аз нархҳои байналмилалӣ вобаста аст. Бо авҷ гирифтани низоъҳо дар минтақаи Ховари Миёна ва болоравии нархи нафт дар бозорҳои ҷаҳонӣ, воридкунандагон низ маҷбур мешаванд маҳсулотро бо арзиши бештар харидорӣ кунанд.

Тибқи маълумоти Оҷонсии омори Тоҷикистон, танҳо дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ ба ҷумҳурӣ зиёда аз 325 ҳазор тонна маҳсулоти нафтӣ ба маблағи беш аз 251 миллион доллар ворид шудааст. Ба ҳисоби миёна ҳар як тонна маҳсулоти нафтӣ барои воридкунандагон 772 доллар арзиш доштааст.

**ПАС АЗ СУКУТИ ЧАНДҲАФТАИНА ХОВАРИ МИЁНА БОЗ ШОҲИДИ ШИДДАТ ГИРИФТАНИ ТАНИШҲОИ ЭРОН ВА ИСРОИЛ ГАРДИД. ДАР ЧАНД РӮЗИ ОХИР ҲАМЛАҲОИ МУШАКӢ, ЗАРБАҲОИ ҲАВОӢ ВА ТАҲДИДҲОИ МУТАҚОБИЛ БОИСИ НИГАРОНИИ ҶИДДИИ ҶОМЕАИ ҶАҲОНӢ ГАРДИДАНД.**



# ТАНИШИ НАВ ДАР ХОВАРИ МИЁНА

## Ҳамлаҳои Эрону Исроил ва вокуниши Амрико

### ҲАМЛАИ МУШАКИИ ЭРОН БА ИСРОИЛ

Шаби 7 ба 8-уми июн чанд соат пас аз ҳамлаи нерӯҳои Исроил ба ҷануби Бейрут, Артиши Эрон ба самти шимоли Исроил чандин мушаки баллистикӣ партоб кард. Мақомоти эронӣ ин амалиётро посух ба ҳамлаҳои Исроил ба минтақаҳои ҷанубии Лубнон ва канори шаҳри Бейрут арзёбӣ мекунанд.

Қароргоҳи марказии «Хотамуланбиё» пештар хушдор дода буд, ки дар сурати идомаи ҳамлаҳо ба Лубнон, Теҳрон ба ҳадафҳои вокеъ дар қаламрави Исроил зарба хоҳад зад. Ба иттилои расонаҳои исроилӣ, дар ин ҳамла тақрибан 10 мушаки баллистикӣ истифода шудааст. Артиши Исроил иддао кардааст, ки аксари мушакҳо раҳгирӣ шуда, талафоти ҷонӣ ба қайд гирифта нашудааст, вале маҷрӯҳшудаҳо ҳастанд. Мақомоти Исроил партоби мушакҳоро тасдиқ намуда, дар чандин шаҳри шимолии кишвар бонги хатар эълон карданд.

### ТРАМП БА МУЗОКИРА ДАЪВАТ КАРД

Дар пасманзари ин рӯйдодҳо, президенти Иёлоти Муттаҳида Доналд Трамп аз Теҳрон хост, ки ба сари мизи музокирот бозгардад. Ба гуфтаи ӯ, ҳам Эрон ва ҳам Исроил амалиёти худро анҷом додаанд ва минтақа ба ҳамлаҳои нав ниёз надорад. Трамп ҳамчунин гуфтааст, ки бо нахуствазири Исроил Беняминн Нетаняху тамос гирифта, аз ӯ хоҳиш мекунад, ки аз иқдомҳои интиқомҷӯёна худдорӣ намояд.

Раисҷумҳури Амрико таъкид кардааст, ки Вашингтон ҳанӯз ҳам ба дастёбӣ ба созиши ниҳоӣ бо Эрон умедвор аст ва намехоҳад ин раванд боиси аз даст рафтани имконияти сулҳ гардад.

### ЗАРБАҲОИ ҶАВОБИИ ИСРОИЛ БА ЭРОН

Бо вуҷуди ин даъватҳо, субҳи 8-уми июн Артиши Исроил аз ҳамла ба як қатор ҳадафҳои низомӣ дар марказ ва ғарби Эрон хабар дод. Расонаҳои эронӣ аз шунида шудани таркишҳо дар шаҳрҳои Теҳрон, Исфаҳон ва Табрез гузориш додаанд. Мақомоти Эрон тасдиқ карданд, ки баъзе минтақаҳо ҳадафи мушакҳои ҳавопартоб қарор гирифтаанд, вале то ҳол дар бораи талафоти эҳтимолӣ маълумоти расмӣ нашр нашудааст. Ҳамзамон Исроил хабар дод, ки аз самти Яман низ як мушак ба қаламраваш партоб шудааст. Баъд аз арзёбии вазъият мақомоти исроилӣ ба сокинон иҷозат доданд, ки паноҳгоҳҳоро тарк кунанд.

### ВУРУДИ АМРИКО БА НИЗОЪ

Дар ҳамин ҳол, Фармондеҳии марказии артиши Амрико (CENTCOM) эълон кард, ки бо дастури президент Трамп ба чанд ҳадафи низомии Эрон дар наздикии тангаи Ҳурмуз зарба задааст. Ба гуфтаи мақомоти амрикоӣ, ин амалиёт посух ба сарнагун шудани як чархболи низомии Apache ва ҳамлаҳои ахир ба манфиатҳои ИМА дар минтақа мебошад. Дар навбати худ, мақомоти Эрон аз ҳамла ба баъзе пойгоҳҳои низомии Амрико дар Баҳрайн, Урдун ва Кувайт хабар додаанд. Бо вуҷуди ин, як мақоми амрикоӣ гуфтааст, ки аксари мушакҳо ва паҳподҳои эронӣ раҳгирӣ шуда, дар бораи талафоти нерӯҳои ИМА гузорише дастрас нест. Ҳоло ҷонибҳо аз партоби мушак худдорӣ кардаанд, вале вазъ ҳамоно муташанниҷ боқӣ мемонад.

# НОМАИ ЗЕЛЕНСКИЙ БА ПУТИН

**Владимир Зеленский, президенти Украина рӯзи 4-уми июн дар номаи бозе ба ҳамтои русаш Владимир Путин пешниҳод кардааст, ки мулоқоти рӯ ба рӯ дошта бошанд. Ӯ ҳамчунин эълон кард, ки барои як "оташбаси комил" омода аст.**



Гуфтугӯҳо миёни Русия ва Украина аз чанд моҳ ба ин тараф қатъ шудааст ва музокироти таҳти раҳбарии Амрико низ бинобар ҷанги Эрон амалан дар ҳолати рукуд қарор гирифтааст. Ҷонибҳо дар даврҳои пешини музокирот дар Истанбул, Абузабӣ ва Женева натавонистанд бар сари масъалаҳои калидӣ даст ёбанд.

Зеленский дар ин нома, ки дар вебсайти раёсатҷумҳури Украина нашр шуд, навишт, "Украина пешниҳод мекунад, ки ин ҷанг бо гуфтугӯи мустақим миёни ман ва шумо поён ёбад". Вай афзудааст, ки "Украина дар муддати музокирот омодаи баркарории як оташбаси комил аст".

Президенти Украина ҳамчунин пешниҳод кардааст, ки асирони ҷангӣ мубодила шаванд ва гуфтааст, ин иқдом метавонад "муқаддимаи муносибе барои поён додан ба ҷанг" бошад.

Ӯ ҳамчунин хушдор дод, ки идомаи ҷанг метавонад ҷойгоҳи шахсии Путинро ба хатар андозад ва афзуд, "ин як вокеият дар таърихи Русия аст, ки шумо ба хубӣ онро медонед: Ҳангоме ки Русия хаста мешавад, тағйир фаро мерасад".

Владимир Путин, раисҷумҳури Русия билофосила ба ин нома вокуниш нишон надод. Ин нома замоне нашр шуд, ки ӯ дар шаҳри Санкт-Петербург дар ҳоли поён додан ба нишасте бо хабарнигорони хориҷӣ буд.

Путин дар вокуниш ба ин нома гуфта буд, ки ҳеҷ далел барои вохӯрӣ бо Зеленский вуҷуд надорад. Раисҷумҳури Русия ҳамчунин таъкид кард, ки ин нома дорои калимаҳои "беадабона" буда ва онро рад кард.

# ПИРӮЗИИ ҲИЗБИ ПАШИНЯН

**Сарвазири Арманистон аз пирӯзии ҳизбаш дар интихоботи парлумонии 7-уми июн хабар дод. Пашинян дар нишасти хабарии баъд аз эълони натиҷаҳои интихобот гуфт, "ин ғалабаи таърихӣ аст, ки бешубҳа устуворӣ ва рушди Арманистонро таъмин мекунад".**

Тибқи ҳисоби пешакии Комиссияи марказии интихоботи Арманистон, ҳизби ӯ, ки рӯ ба Ғарб дониста мешавад, 49,82%-и овозҳоро соҳиб шуд ва аксари курсиҳои парлумон (аз 105 курсӣ беш аз 60 курсӣ)-ро ба даст хоҳад овард. Ду эътилоф - "Арманистони кудратманд" ва "Арманистон", ки гуфта мешавад рӯ ба Русия ҳастанд, бо ба даст овардани 23,29% ва 9,94%-и раъйҳо дар ҷойи дуюму сеюм қарор гирифтанд. Онҳо мутаносибан соҳиби 28 ва 12 ҷой мешаванд. Дар интихоботи парлумонии Арманистон дар умум 18 нерӯи сиёсӣ (16 ҳизб ва ду эътилоф) ширкат доштанд. Тибқи иттилои расмӣ, аз 2,5 миллион шаҳрванде, ки ҳақи овоздиҳӣ доштанд, наздик ба 60%-ашон дар интихобот ширкат кардаанд.

**DW**

# КУВАЙТ ТОЛИБОНРО ЭЪТИРОФ МЕКУНАД?

**Сафорати Афғонистон дар Кувайт ба дипломатҳои ҳукумати Толибон супурда шудааст. Телевизиони хусусии "Тулуъ" гузориш додааст, ки Шафиқ Хатиб, раиси консулӣ ва умури марзии Вазорати корҳои хориҷии Толибон сарпарасти Сафорати Афғонистон дар Кувайт таъйин шудааст.**

Мақомоти Кувайт то кунун дар ин робита чизе нагуфтаанд. Пеш аз ин низ бештари кишварҳои арабии ҳошияи Халиҷи Форс, аз ҷумла Қатар ва Аморати Муттаҳидаи Араб сафоратҳои Афғонистонро ба дипломатҳои Толибон вогузор карда буданд. Вазири корҳои хориҷии ҳукумати Толибон Амирхон Муттақӣ ахиран гуфта буд, ки бо беш аз 40 кишвар робитаҳои дипломатӣ барқарор кардаанд. Гурӯҳи Толибон дар моҳи августи соли 2021 бо сарнагунии ҳукумати Афғонистон ва фирори президент Ашраф Ғанӣ аз Кобул, ҳукуматро дар даст гирифт. Ба ҷуз Русия, то кунун ҳеҷ кишвари дигар ҳукумати ин гурӯҳро ба расмият нашинохтааст.

**Афғанистан интернешнл**

# Кумаки башардӯстона ба Тоҷикистон

## Январ–апрели соли 2026

Бар асоси маълумоти Оҷонсии омори Тоҷикистон ва Хадамоти гумрук






**Дар чаҳор моҳи аввали соли 2026 ба Тоҷикистон ба маблағи 9,6 миллион доллар кумаки башардӯстона ворид шудааст. Дар ин бора Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истинод ба маълумоти Хадамоти гумрук хабар медиҳад.**

Бино ба иттилои манбаъ, аз моҳи январ то апрели соли равон ба ҷумҳурӣ дар маҷмуъ 787,4 тонна кумаки башардӯстона интиқол дода шудааст. Ин кумакҳо аз ҷониби 25 кишвари ҷаҳон расонида шудаанд.

Дар миёни донорҳои асосӣ Иёлоти Муттаҳидаи Амрико қарор дорад, ки дар ин давра ба Тоҷикистон ба маблағи тақрибан 1 миллиону 640 ҳазор доллар ёрӣ расонидааст. Пас аз он Чин ва Корея ҷой гирифта, ҳаҷми кумакҳои онҳо дар маҷмуъ ба ҳудуди 1,6 миллион доллар мерасад.

Ҳамчунин, Ҳолланд ба маблағи қариб 1 миллион доллар, Ҳиндустон тақрибан 958 ҳазор доллар ва Русия ҳудуди 938 ҳазор доллар кумаки башардӯстона фиристодаанд.

Тибқи маълумоти оморӣ, беш аз 80 дарсади тамоми кумакҳои башардӯстонаи воридшуда дар чор моҳи аввали соли ҷорӣ маҳз ба саҳми Амрико, Чин, Корея, Ҳолланд, Ҳиндустон ва Русия рост меояд.

Бо вуҷуди ин, дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои умумии иқтисоди хориҷии кишвар, ҳаҷми ин кумакҳо чандон бузург нест. Тибқи маълумоти расмӣ, дар моҳҳои январ-апрели соли 2026 ҳаҷми умумии воридоти Тоҷикистон ба 3 миллиарду 80 миллион доллар баробар шудааст.

Ҳамин тариқ, ҳиссаи кумаки башардӯстона дар сохтори умумии воридоти кишвар ҳамагӣ тақрибан 0,31 дарсадро ташкил медиҳад.

Коршиносон бар он назаранд, ки кумаки башардӯстона асосан барои татбиқи барномаҳои иҷтимоӣ, дастгирии соҳаи тандурустӣ, маориф, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва расонидани ёрӣ ба гурӯҳҳои осебпазир истифода мешавад. Дар айни замон, ҳаҷми нисбатан ками он дар муқоиса бо воридоти умумӣ нишон медиҳад, ки иқтисоди Тоҷикистон бештар ба тиҷорати хориҷӣ ва равобити иқтисодӣ такя мекунад, на ба кумакҳои башардӯстонаи байналмилалӣ.

Бояд гуфт, ки Тоҷикистон тайи солҳои охир ҳамкориро бо созмонҳои байналмилалӣ ва кишварҳои шарик дар самти татбиқи барномаҳои иҷтимоӣ ва башардӯстона идома медиҳад ва кумакҳои мазкур ҳамчун яке аз унсурҳои дастгирии рушди иҷтимоӣ арзёбӣ мешаванд.

## РЕЗААХБОР

Милитсияи Душанбе аз волидон хост, ки нагузоранд кӯдаконашон дар ҷойҳои хатарнок оббозӣ кунанд. Ин ниҳод рӯзи 8-уми июн дар изҳороте аз он нигаронӣ кардааст, ки ҳамасола ба далели беназорат гузоштани ноболиғон ғарқшавии онҳо дар кӯлу дарёҳо зиёд ба қайд гирифта мешавад. Дар робита ба ин мақомот аз сокинони пойтахт, махсусан падарону модарон даъват кардаанд, ки назорати фарзандони худро пурзӯр карда, аз оббозии онҳо дар ҷойҳои хатарнок бидуни ҳамроҳии калонсолон пешгирӣ кунанд.

***

Аз 6-уми июн дар Душанбе рӯзҳои фарҳанги шаҳру ноҳияҳои кишвар оғоз шуд ва то 23-юми август идома мекунад. Аз ин ба баъд ҳар ҳафта рӯзҳои шанбе ва якшанбе дар боғҳои фарҳангиву фароғатии шаҳри Душанбе рӯзҳои фарҳанги шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон баргузор мешаванд. Дар ин бора шаҳрдории пойтахт иттилоъ дода, навиштааст, ки ин иқдом ба муносибати 35-умин солгарди Истиқлоли кишвар роҳандозӣ шудааст.

***

Барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар Тоҷикистон аз 1 то 31-уми октябри соли 2030 гузаронида мешавад. Барӯйхатгирии аҳолӣ барои муайян намудани шумораи аҳолӣ, таркиби он, шароити зиндагӣ, сатҳи маълумотнокӣ ва шуғли мардум мусоидат мекунад.

***

- Тоҷикистон дар чор моҳ қариби 27,7 ҳазор тонна гӯшту маҳсулоти гӯштӣ истеҳсол кардааст. Ин дар муқоиса бо ҳамин давраи соли гузашта қариби 2% бештар мебошад,- бармеояд аз додаҳои Агентии омори Тоҷикистон.

***

Суғд дар панҷ моҳи аввали соли равон беш аз 352 млн дона тухми паранда истеҳсол кардааст. Дар ин бора дафтари матбуоти раиси Суғд зимни гузориш аз боздиди Раҷаб Аҳмадзода аз корхонаи "Парандапарвар - 2017" иттилоъ дод. Ба иттилои манбаъ, айни ҳол дар вилоят беш аз 6,6 млн сар паранда мавҷуд мебошад.

# ПЕШГУЙИИ БАТР




**Бонки аврупоии таҷдид ва рушд рушди иқтисоди Тоҷикистонро дар соли 2026 баланд, вале дар соли 2027 нисбатан сусттар пешбинӣ намудааст. Аз як тараф, ин пешгӯӣ нишонаи устувории иқтисод аст, аз ҷониби дигар, ҳушдор медиҳад, ки рушди баланд торафт бештар ба омилҳои беруна, сармоягузории давлатӣ ва вазъи бозори меҳнати Русия вобаста мемонад.**

## РУШДИ БАЛАНД

Бонки аврупоии таҷдид ва рушд дар гузориши нав таҳти унвони "Дурнамои минтақавии иқтисодӣ" вазъи кишварҳои минтақаро таҳлил кард. Ин бонк рушди Маҷмӯи маҳсулоти дохилии Тоҷикистонро дар соли 2026-ум 7,9 фоиз пешбинӣ намуд. Аммо соли 2027 ин нишондиҳанда то 7% поёнтар арзёбӣ шудааст.

Ба андешаи коршиносони масоили иқтисодӣ, ин рақамҳо хушбинкунанда ҳастанд. Зеро Тоҷикистон ҳамоно яке аз кишварҳои дорои суръати баланди рушди иқтисодӣ дар минтақа боқӣ мемонад. Аммо поёнравии пешгӯӣ аз 7,9 то 7% нишон медиҳад, ки иқтисоди кишвар ба марҳилаи ҳассостар ворид мешавад. Рушди баланд нигоҳ дошта мешавад, вале манбаъҳои он бояд устувортар ва камтар вобаста ба омилҳои беруна гарданд.

Тибқи арзёбии БАТР, дар семоҳаи аввали соли 2026 иқтисоди Тоҷикистон тақрибан 8% рушд кардааст. Ин нишондиҳанда барои кишваре, ки солҳои охир рушди босуръатро нигоҳ медорад, идомаи тамоюли мусбат мебошад. Соли 2024-ум ММД-и Тоҷикистон 8,4% афзуда буд ва барои соли 2025 низ рушди иқтисодӣ дар ҳамин сатҳ, яъне 8,4% арзёбӣ шуда буд.

Пас, саволе ба миён меояд, ки ин рушд аз ҳисоби кадом соҳаҳо таъмин мешавад ва то куҷо дар солҳои наздик идома меёбад?

Ба таъкиди БАТР, рушди иқтисоди кишвар дар аввали соли 2026 асосан аз ҳисоби афзоиши савдо, нақлиёт ва алоқа, фаъолияти саноати коркард ва зиёд шудани истеҳсоли нерӯи барқ таъмин шудааст. Ин маънои онро дорад, ки иқтисод танҳо ба як бахш такя намекунад, балки чанд самти муҳими он фаъол боқӣ мондааст.

Махсусан, афзоиши истеҳсол ба андозаи 29,6% нишондиҳандаи назаррас мебошад. Барои иқтисоди Тоҷикистон, ки солҳои зиёд аз воридот, интиқоли маблағи муҳоҷирон ва лоиҳаҳои бузурги давлатӣ вобаста аст, рушди саноати коркард метавонад нишонаи мусбат бошад. Агар ин тамоюл устувор шавад, он ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, афзоиши содироти маҳсулоти коркардшуда ва коҳиши вобастагӣ аз ашёи хом мусоидат мекунад.

Ҳамзамон, афзоиши истеҳсоли нерӯи барқ ба андозаи 7,5% барои иқтисоди кишвар аҳамияти калон дорад. Тоҷикистон дорои иқтидори бузурги гидроэнергетикӣ аст ва рушди ин бахш дар оянда на танҳо талаботи дохилиро таъмин мекунад, балки ба содироти нерӯи барқ ва ҷалби сармоя низ мусоидат хоҳад кард. Аммо, дар ин замина, коҳиши соҳаи истихроҷ ба андозаи 9,8% нишон медиҳад, ки на ҳама бахшҳо яксон рушд мекунанд.

> **БАТР ВОБАСТАГИИ ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОНРО АЗ РУСИЯ ЯКЕ АЗ ХАТАРҲОИ АСОСӢ МЕДОНАД. СОЛҲОИ ЗИЁД РУСИЯ БАРОИ ТОҶИКИСТОН ЯКЕ АЗ БОЗОРҲОИ АСОСИИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ, МАНБАИ ИНТИҚОЛИ МАБЛАҒ ВА ШАРИКИ МУҲИМИ ИҚТИСОДӢ БОҚӢ МОНДААСТ.**

## САРМОЯГУЗОРӢ ВА САВДОИ ХОРИҶӢ

Яке аз нуктаҳои муҳими гузориши БАТР афзоиши сармоягузорӣ мебошад. Дар семоҳаи аввали соли 2026 ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 34,3% афзудааст. БАТР ишора мекунад, ки ин афзоиш қисман бо ухдаориҳои назарраси хароҷоти давлатӣ, аз ҷумла лоиҳаи Нерӯгоҳи барқи обии "Роғун" вобаста аст. НБО-и "Роғун" солҳо боз яке аз бузургтарин лоиҳаҳои стратегии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Аз нигоҳи иқтисодӣ, ин лоиҳа метавонад дар дарозмуддат ба афзоиши истеҳсоли нерӯи барқ, беҳтар шудани таъминоти дохилӣ ва рушди содироти нерӯи барқ мусоидат кунад.

Дар гузориши БАТР омадааст, ки дар пасманзари талаботи баланди дохилӣ воридот дар Тоҷикистон 16,6% афзудааст. Ин нишон медиҳад, ки истеъмол, сохтмон, сармоягузорӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ дар дохили кишвар фаъол боқӣ мондааст. Вакте иқтисод рушд мекунад, талабот ба техника, масолеҳ, маҳсулоти истеъмолӣ, сӯзишворӣ ва ашёи хом низ меафзояд.

Аммо, дар ҳамин ҳол, содирот қариб бетағйир боқӣ мондааст. Албатта, агар воридот афзоиш ёбад, вале содирот ҳамқадам нашавад, тавозуни савдои хориҷӣ зери фишор қарор мегирад. Ба ибораи дигар, кишвар бештар мехарад, аммо ба ҳамон андоза бештар намефурӯшад.

## ТАВАРРУМ ПАСТ!

БАТР сатҳи таваррум дар Тоҷикистонро паст арзёбӣ мекунад. Моҳи марти соли 2026 сатҳи таваррум 3,4% -ро ташкил додааст. Дар чунин шароит Бонки миллии Тоҷикистон моҳи феврал меъёри асосиро 0,5 банди фоизӣ поин бурда, то 7% расонидааст.

Паст будани таваррум барои аҳолӣ ва соҳибкорӣ аҳамияти мусбат дорад. Ин ба нигоҳ доштани қобилияти харидории мардум мусоидат мекунад. Аммо набояд фаромӯш кард, ки таваррум дар кишварҳои хурд ва вобаста ба воридот метавонад зуд аз берун ворид шавад.

БАТР низ дар гузориши худ ба ҳамин масъала ишора мекунад. Афзоиши нархи энергия ва сӯзишворӣ, вайрон шудани занҷираҳои таъминот ва таъсири низоъ дар Ховари Миёна метавонанд нархҳоро дар бозорҳои ҷаҳонӣ боло баранд. Тоҷикистон, ки қисме аз маҳсулоти истеъмолӣ, сӯзишворӣ ва техникаи худро ворид мекунад, аз чунин тағйирот эмин буда наметавонад.

## АЗ ХАТАР ТО НИШОНАҲОИ БЕҲТАР

БАТР зикр мекунад, ки соли 2025 дар Тоҷикистон таъмини барзиёди буҷет нигоҳ дошта шудааст. Ба ин воридоти зиёди маблағ аз андоз мусоидат кардааст. Буҷети мутавозин ё барзиёд метавонад нишондиҳандаи идоракунии беҳтари молия бошад.

Дар ҳамин ҳол, хароҷот ба таъминоти иҷтимоӣ ва энергетика идома дорад. Ин ду самт барои Тоҷикистон хеле муҳиманд. Таъминоти иҷтимоӣ ба дастгирии аҳолӣ, нафақа, маош, кумакҳои иҷтимоӣ ва хизматрасониҳои давлатӣ вобаста аст. Энергетика бошад, пояи рушди саноат, инфрасохтор ва зиндагии рӯзмарраи мардум мебошад.

Инчунин, БАТР қарори Агентии байналмилалиираддабандии Moody's-ро ҷудогона зикр мекунад. Ин агентӣ раддабандии мустақили қарзии Тоҷикистонро як зина то B2 бо дурнамои устувор боло бурдааст. Ба гуфтаи БАТР, ин ба устувории идомадоштаи иқтисодӣ ва беҳтар шудани идоракунии молияи давлатӣ марбут аст.

БАТР вобастагии иқтисоди Тоҷикистонро аз Русия яке аз хатарҳои асосӣ медонад. Солҳои зиёд Русия барои Тоҷикистон яке аз бозорҳои асосии муҳоҷирати меҳнатӣ, манбаи интиқоли маблағ ва шарики муҳими иқтисодӣ боқӣ мондааст.

Интиқоли маблағ аз муҳоҷирон даромади хонаводаҳоро таъмин мекунад. Дар бисёр минтақаҳои кишвар он на танҳо барои истеъмоли рӯзмарра, балки барои сохтмони хона, таҳсили фарзандон, хариди мол ва ҳатто оғози фаъолияти соҳибкорӣ истифода мешавад. Аз ин рӯ, ҳар гуна сусташавии иқтисоди Русия, маҳдудияти бозори меҳнат ё тағйири қоидаҳои муҳоҷират метавонад мустақиман ба даромади аҳолии Тоҷикистон таъсир расонад.

## МИНТАҚА РУШД МЕКУНАД, АММО…

Дар маҷмуъ, БАТР барои Осиёи Марказӣ суст шудани рушдро пешбинӣ мекунад. Пас аз рушди 6,9% дар соли 2025-ум, иқтисоди минтақа тибқи пешгӯии бонк, соли 2026 ба андозаи 5,6% ва соли 2027 ба андозаи 5,3% рушд мекунад. Бо вуҷуди ин, кишварҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Муғулистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон ҳамоно баландтарин суръати рушдро миёни кишварҳои фаъолияти БАТР нигоҳ медоранд. Ин нишон медиҳад, ки минтақа аз нигоҳи сармоягузорӣ, захираҳои табиӣ, бозори меҳнат, инфрасохтор ва талаботи дохилӣ иқтидори назаррас дорад. Аммо, бо вуҷуди ин, минтақа ба чанд хатар, аз ҷумла ноустувории нархи энергия, таъсири таҳримҳо, вобастагӣ аз иқтисоди Русияву Чин, мушкилоти логистика, тағйири нархи озуқаворӣ ва ниҳоят таъсири низоъҳои байналмилалӣ рӯ ба рӯ аст.

**Усмон РАҲИМЗОДА**

# ТОҶИКОНИ МУВАФФАҚ ДАР РУСИЯ

## Чеҳраҳое, ки миёни ду кишвар пул месозанд



**ДАР МИЁНИ СОҲИБКОРОНИ ТОҶИКТАБОРЕ, КИ ДАР ХОРИҶ АЗ ТОҶИКИСТОН БА МУВАФФАҚИЯТҲОИ БЕСОБИҚА РАСИДААНД, НОМИ ИСКАНДАР МАҲМУДОВ ҶОЙГОҲИ МАХСУС ДОРАД. Ӯ НА ТАНҲО ЯКЕ АЗ САРВАТМАНДТАРИН НАМОЯНДАГОНИ МИЛЛАТ ДАР ҶАҲОН, БАЛКИ АЗ ҶУМЛАИ ШАХСИЯТҲОИ БОНУФУЗИ ИҚТИСОДИИ РУСИЯ НИЗ БА ШУМОР МЕРАВАД. ТАЙИ БЕШ АЗ СЕ ДАҲСОЛА ИСКАНДАР МАҲМУДОВ ДАР ТАШАККУЛ ВА РУШДИ САНОАТИ МЕТАЛЛУРГӢ, КӮҲКОРӢ, НАҚЛИЁТ, ЛОГИСТИКА ВА КИШОВАРЗИИ РУСИЯ НАҚШИ НАМОЁН БОЗИДААСТ.**



*Искандар Маҳмудов*

## МЕЪМОРИ ЯКЕ АЗ БУЗУРГТАРИН ИМПЕРИЯҲОИ САНОАТИИ РУСИЯ

Искандар Қахрамонович Маҳмудов соли 1963 дар шаҳри таърихии Бухоро ба дунё омадааст. Гарчанде дар баъзе манбаъҳо ӯро ӯзбек меноманд, бисёре аз муҳаққиқон ва намояндагони ҷомеаи тоҷикони Бухоро ӯро аз тоҷикони бумии ин минтақа медонанд. Ин масъала солҳои зиёд мавриди баҳс қарор дошта бошад ҳам, худи Маҳмудов ҳамеша худро фарзанди муҳити фарҳангии муштараки Осиёи Марказӣ муаррифӣ кардааст.

Фаъолияти касбии ӯ аз соҳаи тиҷорати хориҷӣ оғоз гардид. Дар охири солҳои хаштодуми асри гузашта дар сохторҳои иқтисодии Иттиҳоди Шуравӣ фаъолият намуда, таҷрибаи арзишманд дар соҳаи муносибатҳои байналмилалии тиҷоратӣ ба даст овард. Ин таҷриба баъдтар барои ворид шуданаш ба ҷаҳони соҳибкории бузург замина гузошт.

Солҳои навадум, ки барои иқтисоди тамоми кишварҳои пасошуравӣ давраи тағйироти амиқ буд, Искандар Маҳмудов ба соҳаи металлургия ворид шуд. Маҳз дар ҳамин давра ӯ тавонист дар бозори металлҳои ранга мавқеи устувор пайдо кунад ва ба яке аз соҳибкорони муваффақи Русия табдил ёбад.

Номи ӯ пеш аз ҳама бо таъсис ва рушди Ширкати кӯҳию металлургии Урал (УГМК) пайванд дорад. Имрӯз ин ширкат яке аз калонтарин истеҳсолкунандагони мис, рӯҳ, ангишт ва дигар металлҳои стратегӣ дар Русия ва Аврупо-осиё мебошад. Ба ҳайати он даҳҳо корхонаҳои кӯҳкорӣ, металлургӣ, энергетикӣ ва нақлиётӣ шомил буда, садҳо ҳазор нафар аз фаъолияти он баҳра мебаранд.

Коршиносон УГМК-ро яке аз сутунҳои асосии саноати металлургии Русия медонанд. Маҳсулоти корхонаҳои вобаста ба ин гурӯҳ на танҳо





дар дохили Русия, балки дар бозорҳои Аврупо ва Осиё низ талаботи зиёд доранд.

Дар баробари металлургия, Маҳмудов ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардааст. Ӯ дар таъсиси ширкатҳое иштирок кардааст, ки дар бахши сохтмони вагонҳои роҳи оҳан, интиқоли бор, терминалҳои баҳрӣ ва логистика фаъолият мекунанд. Баъзе аз ин корхонаҳо аз муҳимтарин унсурҳои шабакаи нақлиётии Русия ба ҳисоб мераванд.

Солҳои охир доираи фаъолияти иқтисодии ӯ боз ҳам васеъ гардидааст. Ба воситаи сохторҳои сармоягузории худ Маҳмудов ба бахши кишоварзӣ низ ворид шуда, ширкатҳои вобаста ба ӯ ба қатори бузургтарин соҳибони заминҳои кишоварзии Русия дохил шудаанд. Ҳамин тавр, фаъолияти ӯ имрӯз аз саноати вазнин то кишоварзӣ ва логистика доман паҳн кардааст.

Тибқи маълумоти маҷаллаи Forbes, Искандар Маҳмудов солҳои зиёд дар рӯйхати сарватмандтарин соҳибкорони Русия қарор дорад. Дороии ӯ қариб даҳ миллиард доллар арзёбӣ шудааст. Ин нишондиҳанда ӯро ба сафи бист нафар сарватмандони Русия ворид кардааст.

Аммо сарват танҳо як манбаи нуфузи ӯст. Қудрати воқеии Маҳмудов дар шабакаи васеи муносибатҳои соҳибкорӣ, таҷрибаи идоракунии корхонаҳои азим ва ҳузури ӯ дар бахшҳои калидии иқтисоди Русия ифода меёбад. Аз ҳамин рӯ, бисёр коршиносон ӯро на танҳо миллиардер, балки яке аз меъморони саноати муосири Русия медонанд.

Соли 2022, баъди ҷорӣ гардидани таҳримҳои Ғарб нисбат ба як қатор соҳибкорони рус, Искандар Маҳмудов аз ҳайати роҳбарии баъзе ширкатҳои калони саноатӣ хориҷ шуд. Бо вуҷуди ин, таъсири ӯ ба равандҳои иқтисодӣ ва соҳибкорӣ ҳамоно назаррас боқӣ мондааст.

Барои хизматҳои бисёрсолаи худ ӯ бо як қатор мукофотҳои давлатӣ, аз ҷумла ордени «Барои хизматҳо дар назди Ватан» дараҷаи IV, медали ордени «Барои хизматҳо дар назди Ватан» дараҷаи II ва дигар нишонаҳои ифтихорӣ сарфароз гардидааст.

Имрӯз Искандар Маҳмудов аз ҷумлаи шахсиятҳое мебошад, ки номи онҳо бо рушди саноати бузурги Русия пайванд хӯрдааст. Ӯ намунаи соҳибкорест, ки аз муҳити Осиёи Марказӣ баромада, ба яке аз бонуфузтарин намояндагони элитаи иқтисодии Русия табдил ёфтааст. Аз ҳамин ҷост, ки дар ҳар гуна рӯйхати тоҷикони муваффақ ва таъсиргузори хориҷ аз кишвар номи Искандар Маҳмудов ҳамеша дар сафи пеш қарор мегирад.

**(Идома дорад)**

**Таҳия, тарҷума ва такмили Шариф Ҳамдампур**

# МЕХАНИЗМИ ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯИ ДАВЛАТИИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ ДАР САМТИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

АМОНАТБОНК

**КОРРУПСИЯ ИН ЯК ПАДИДАИ НОГУВОРЕ МЕБОШАД, КИ ДАР ҲАМА ДАВРУ ЗАМОН БА ҶОМЕА ТАЪСИРИ МАНФӢ РАСОНИДА, БОИСИ ПАСТ ГАРДИДАНИ ОБРӮ ВА НУФУЗИ ДАВЛАТ МЕГАРДАД.**



**КОРРУПСИЯ АМАЛИ НОМАТЛУБ БУДА, БОИСИ НИГАРОНИИ ҶОМЕАИ МУОСИР ГАШТААСТ. КОРРУПСИЯ ДАР ҶАҲОНИ МУОСИР ДАР РОҲИ РУШДИ ИҚТИСОДИЮ ИҶТИМОИИ КИШВАРҲО, РИОЯИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД ВА РУШДИ БОСУБОТИ ДАВЛАТУ МИЛЛАТ ВА СОҲАҲОИ МУХТАЛИФИ ҶОМЕА МОНЕАҲОИ ҶИДДИРО БА ВУҶУД МЕОРАД. ТАЗАККУР БОЯД ДОД, КИ ҲАТТО АКСАРИ МАМЛАКАТҲОИ АБАРҚУДРАТУ ПЕШРАФТАИ ДУНЁ АЗ АФЗУН ГАРДИДАНИ ЧУНИН АМАЛИ НОМАТЛУБ ИЗҲОРИ НИГАРОНӢ МЕНАМОЯНД.**

Аз даврони соҳибистиқлол гаштани Ватани азизамон, масъалаи пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буда, решакан намудани он дар маркази таваҷҷуҳи пайвастаашон қарор дорад. Бо дарки зарурият ва муҳимияти масъала, Пешвои миллат пайваста дар суҳбатҳояшон таъкид месозанд, ки «коррупсия зуҳуроти номатлуб ва барои ҷомеа хатарнок ба ҳисоб рафта, мубориза бар зидди он вазифаи асосии мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳар як сокини кишвар мебошад».

Баъди ба тасвиб расонидани Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба мубориза бар зидди коррупсия, яъне шуруъ аз 25-уми сентябри соли 2006 аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба ҳол зиёда аз 20 санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки асосҳои ташкиливу ҳуқуқии самтҳои мухталифи муқовимат ба коррупсияро муқаррар менамоянд, қабул карда шудаанд.

Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат бо коррупсия», «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Точикистон», «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми январи соли 2008, №34 «Дар бораи Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012», фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми августи соли 2013, №1504, «Дар бораи Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020», аз 14-уми декабри соли 2010, №968, «Дар бораи Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», аз 3-юми августи соли 2021, №222 аз ҷумлаи онҳоянд.

Низоми бонкӣ унсури калидии иқтисодиёти миллии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, суботи молиявӣ ва эътимоди шаҳрвандонро ба давлат таъмин менамояд. Азбаски дар ин соҳа гардиши калони маблағҳои пулӣ сурат мегирад, албатта хавфи пайдоиши омилҳои коррупсионӣ, сӯистифода аз ваколатҳои хизматӣ ва қонунигардонии даромадҳои ҷиноятӣ ҳамеша баланд аст. Татбиқи муқарраароти Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии он дар марҳилаҳои якум (солҳои 2021-2025) ва дуюм (солҳои 2026-2030), ки бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми августи соли 2021, №222 ва 6-уми марти соли 2026, №1145 ба тасвиб расидааст, дар соҳаи бонкдорӣ аҳамияти стратегии ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ дорад.

Дар низоми бонкӣ муқовимат ва решакан намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсионӣ яке аз самтҳои асосии идоракунии хавфҳо мебошад. Самаранокии мубориза бо коррупсия аз сиёсати дурусти кадрӣ вобаста аст. Аз ин рӯ, интихоби шаффофи кадрҳо, ҷобаҷогузории мақсаднок, аттестатсияи мунтазам ва ротатсияи воҳидҳои калидии сохтор ва кормандон воситаи муҳими пешгирӣ ба ҳисоб меравад. Механизми иҷрои стратегия дар соҳаи бонкдорӣ ба тақсимоти аниқи вазифаҳо байни субъектҳои ҳуқуқӣ такя мекунад. Аз ҷиҳати амалӣ ва ҳуқуқӣ, механизми татбиқи Стратегия дар бонкҳо аз ин унсурҳои сохторӣ иборат аст: рақамикунонӣ ва коҳиши омили инсонӣ, гузариш ба ҳукумати электронӣ ва иқтисоди рақамӣ. Барои коҳиш додани хавфҳои коррупсионӣ Бонк риояи Кодекси одоброҷоннок намуда, омӯзишҳои доимӣ гузаронида, низоми хабардиҳии махфиро ташкил ва технологияи рақамиро истифода намуда, назорати дохилиро пурзӯр менамояд.

Ҳамзамон, аз ҷониби аудити дохилӣ механизми ошкор намудани қонуншиканиҳо, арзёбии фаъолияти кормандон ва таҳлили хавфҳои коррупсионӣ ҷорӣ карда мешавад.

Ротатсия низ дар воҳидҳои сохтории калидӣ самараи хуб меорад. Аз ҷумла, ташкили робитаҳои манфиатдор, пинҳон намудани қонуншиканиҳо, хотирбинӣ, вобаста ба мавқеъ баҳодиҳӣ ва таъсири ғайрирасмиро пешгирӣ менамояд.

Аз ин лиҳоз, танҳо тавассути фаъолияти поквиҷдонона, масъулиятшиносӣ, назорати доимӣ метавон муҳити солимро таъмин намуда, эътимоди ҷомеа ва мизоҷонро ба низоми бонкӣ таҳким бахшид.

**Таҳмина ИЛҲОМЗОДА,**
**ҳуқуқшиноси асосӣ оид ба назорати амалисозии «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», идораи методология ва бозомӯзии кормандони КВД БА ҶТ «Амонатбонк»**

# ОМӮЗИШИ АЛИФБОИ НИЁГОН

## 6 пешниҳод барои татбиқи супориши Президент



**ЯК ДАҲСОЛА ПЕШ ХАТ ВА АЛИФБОИ НИЁГОН АЗ СИНФИ ЧОР ТО СИНФИ ҲАФТ ОМӮЗОНИДА МЕШУД ВА КИТОБҲОЯШ НИЗ ИНТИШОР ШУДА БУДАНД. ПАСОН, БО РИЗОИЯТИ САРВАРИ ДАВЛАТ, ВАЗОРАТИ МАОРИФ КИТОБҲОИ ДАРСИИ "АДАБИЁТ"-РО АЗ СИНФИ 8 ТО СИНФИ 11 БА ХАТИ НИЁГОН ДАР ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН БАРГАРДОН КАРДА, БА МАКТАБҲО ТАҚСИМ НАМУДА БУД. АЗ САБАБИ ОН КИ СОЛҲОИ БАЪДӢ СОАТҲОИ ОМӮЗИШИ АЛИФБОИ НИЁГОН МАҲДУД ГАРДИДА БУД (САБАБАШ БАРОЯМОН МАЪЛУМ НЕСТ, - А. Р.), КИТОБҲОИ МАЗКУР АЗ ИСТИФОДА ДУР МОНДАНД…**




**Дар маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки охири моҳи майи соли ҷорӣ бо иштироки Раиси Ҳукумат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардид, баробари бисёр муаммоҳои ҳаётан муҳими иқтисодиву иҷтимоӣ масъалаи таҳким бахшидани омӯзиши алифбои ниёгон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олии касбӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Иқдоми мазкур саривақтӣ буда, ба пиндошти мо, аз муҳтавои паёмҳояшон ба Маҷлиси Олӣ ва аз эҳтироми бениҳоят зиёдашон ба мероси пурғановати моддиву маънавии халқи тоҷик сарчашма мегирад.**

Сарвари хирадманд ба гузаштаи пурифтихори миллат доимо таваҷҷуҳи хоса зоҳир мекунанд ва масъалаи омӯзиши мероси маънавии халқи тоҷикро бо меҳр ёдовар шуда, аҳли ҷомеаву насли наврасро ба ҳифзу ҳимояи осори кӯҳан даъват менамоянд. Ҳамин нукта дар матни Паёми соли гузашта бо рӯҳбаландии хос садо дода буд. Даъвати муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба расидан ба қадри таърихи пурифтихори халқи тоҷик, ҳифзу ҳимояи ёдгориҳои таърихӣ, таҳкими ҳувияти миллӣ ва қувват бахшидан ба хотираи фарҳангӣ ғояи меҳвари Паёми мазкурро ташкил медод, ки дар миёни ҷомеа ҳамовозии гармро ба вуҷуд овард. Шояд дар ин замина, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи таҳкими омӯзиши алифбои ниёгонро ба миён гузошта, ба беҳтар кардани сифати таълими ин фанни зарурӣ дастури мушаххас манзур карданд.

Дар тӯли таърих тоҷикон алифбои худро чанд маротиба иваз карда бошанд ҳам, аммо ирқи ориёии худро нигоҳ доштаанд ва ба ҷаҳониён осори гаронбаҳоро ба мерос гузоштаанд, ки ҳиссааш бо забону хати арабӣ ва қисми зиёдаш бо хати форсӣ - тоҷикӣ таҳия шуда, рӯйи олам паҳн гаштаанд. Ҳоло дар бузургтарин китобхонаҳои Аврупо, аз ҷумла Англия, Франсия, Германия, Шветсия, Белгия, ШМА, Чин, Ҳиндустон, Покистон, Бангладеш, Туркия, Малайзия, Сингапур ва соири кишварҳо осори хаттии тоҷикону форсизабон маҳфуз буда, қисми ками онҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Дар китобхонаву бойгониҳои давлатии кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Ӯзбекистон бо хати ниёгон маводи зиёди дастхату баёзҳо ва асарҳои илмӣ, таърихӣ, фарҳангӣ нигаҳдорӣ мешаванд, ки аз онҳо то ба ҳол кам истифода шудаанд. Ба ғайр аз ин, дар дасти тоҷикони ин кишварҳо, аз ҷумла тоҷикони Ӯзбекистон дастхатҳои нодир нигаҳдорӣ мешаванд, ки аз ҷадди бузургашон ба ёдгор мондаанд. Касоне, ки бо ин хат ошно ҳастанд, аз ин сарчашмаҳои нодир истифода мекунанд. Боқимонда, осори гаронқадр дар рафҳои китоб ҳифзу нигаҳдорӣ мешаванд. Дастхатҳои нодире, ки профессор Ҳомид Ҳомидӣ дар Тошканд доштанд, қисми зиёдашон баёзу девон ва тазкираву таърихи олимону адибони пешини форсу тоҷик буданд, ки муҳаққиқ онҳоро дар давраҳои гуногун аз ҳамдиёронаш харидорӣ ва ҳифз карда буданд. Ҳамин гуна дастхату баёзҳо ва китобҳои нодир дар дасти тоҷикони кишвари ҳамсоя нигаҳдорӣ мешаванд ва шахсоне, ки ба хати арабиасос ошно мебошанд, аз ин китобҳо истифода менамоянд. Банда ду девони Машрабро, ки бо забони тоҷикӣ ва хати форсии настаълиқ дастхат шуда буданд, ба Китобхонаи миллӣ супорида будам. Китобҳоро бароям ҷияни акдемик Мансуров тухфа карда, аз ман хоҳиш намуданд, ки онҳоро ба дасти соҳибони забон, яъне Китобхонаи миллии Тоҷикистон супорам. Ин хоҳиши дӯсти ҳамзабонам иҷро шуд ва хушбахтона, китобҳо дар шуъбаи дастхатҳо ба қайд гирифта шуданд. Дар дасти ҳамватанон ва дар бисёр хонаводаҳои тоҷик ҳам ин дастхату баёзҳо ва китобҳои пурарзиш бо хати ниёгон ва забони арабӣ маҳфуз мебошанд, ки ҷамъоварӣ ва ҳифзи онҳо аз манфиат холӣ нест. Ин кори хайр бояд аз ҷониби китобхонаҳои давлатӣ ва марказҳои илмиву омӯзишӣ дар мувофиқа ва розигии соҳибонаш амалӣ карда шавад.

Дар Арманистон китобхонаи бузурге бо номи "Матндорон" фаъолият мекунад. Дар китобхонаи мазкур теъдоди дастхатҳое, ки ба забони форсӣ-тоҷикӣ таълиф шудаанд, хело боарзиш нигаҳдорӣ мешаванд. Қисме аз ин дастхатҳо аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик истифода шудаанд. Аммо ҳиссаи дигараш то ба ҳол мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Аз номи китобхона маълум мешавад, ки мафҳуми мазкур тоҷикӣ - форсист. Бояд гуфт, ки дар забони арманӣ калимоти тоҷикӣ - форсӣ ниҳоят зиёд мебошанд, ки аз ҳампайвандии забонҳои форсиву арманӣ дарак медиҳанд. Дар достонҳои Низомии Ганҷавӣ бошад, ҷойномҳои форсӣ - тоҷикӣ зиёд ёд мешаванд, ки ин далели таърихӣ ишора бар роиҷ будани забони форсӣ - тоҷикӣ дар қаламрави мазкур мебошад. Дар ин сарзамин матнҳои зиёди осори қадимаи тоҷикону форсизабонон боқӣ мондаанд, ки интизори омӯзишу муҳаққиқон мебошанд. Дар Ҳиндустон низ маводи зиёди осори нодир бо хати арабиву форсӣ, ки мутааллиқ ба фарҳанги мост, боқӣ мондаанд. Ин ганҷи бемисл омӯзишу таҳқиқ мехоҳад. Аз рӯйи баъзе маълумоти оморӣ, то ба имрӯз дар кишвари Ҳинд зиёда аз 35 кафедраи форсӣ фаъолият мекунанд, ки ба омӯзиши забони форсӣ - тоҷикӣ ва таърихи мардуми ориётабор машғул мебошанд. Баъзе сарчашмаҳои паҳлавӣ, оромӣ, меҳӣ, навиштаҷоти суғдиву бохтарӣ дар хазинаи китобхонаи ин донишгоҳҳо маҳфуз мебошанд. Дар кишварҳои дигар, аз ҷумла Ҷумҳурии Халқии Хитой низ чунин осор ҳифзу нигаҳдорӣ мешаванд.

**Ташаббуси Сарвари давлат имкон медиҳад, ки муҳаққиқони оянда, ки хати ниёгонро дуруст аз бар менамоянд ва навҳои ин хатро меомӯзанд, ба ҷамъ овардани ин ганҷи бузург машғул шаванд. Ҳамзамон, барои ба Ватан баргардонидани нусхаҳои он тадбир андешидан ба манфиати кор хоҳад буд.**

Масъалаи дигаре, ки ба омӯзиши алифбои ниёгон рабт дорад, таълими он дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мебошад. Як даҳсола пеш хат ва алифбои ниёгон аз синфи чор то синфи ҳафт омӯзонида мешуд ва китобҳояш низ интишор шуда буданд. Пасон, бо ризоияти Сарвари давлат, Вазорати маориф китобҳои дарсии "Адабиёт"-ро аз синфи 8 то синфи 11 ба хати ниёгон дар Ҷумҳурии Исломии Эрон баргардон карда, ба мактабҳо тақсим намуда буд. Ин китобҳои дарсиро Вазорати таълим ва тарбияи Ҷумҳурии Исломии Эрон аз ҳисоби маблағҳои худашон чоп карда, ройгон ба Ҳукумати кишвар тақдим намуда буд. Дар ин кор хидмати Ш. Сангимурод ва А. Байзоев, ки қариб ду моҳ дар Теҳрон ба омода кардани китобҳо машғул буданд, хело калон мебошад. Қисми зиёди китобҳои дарсӣ ҳамон солҳо ба мактабҳо тақсим шуданд. Аз сабаби он ки солҳои баъдӣ соатҳои омӯзиши алифбои ниёгон маҳдуд гардида буд (сабабаш бароямон маълум нест,- А. Р.), китобҳои мазкур аз истифода дур монданд. Агар истифода шуда бошанд ҳам, аз ҷониби баъзе омӯзгороне, ки шавқи зиёд ба ин хат ва дастхату баёз доштанд, корбарӣ шудаанд. Ба ғайр аз ин, бо иқдоми вазорат ва Пажӯҳишгоҳи маорифи назди Академияи илмҳои педагогӣ барои муаллимони ин ихтисос дастурҳои таълимӣ интишор гардида буданд. Аксари омӯзгорон ҳангоми дарс аз ин дастурҳо истифода мекарданд. Пасон, китоби дарсии "Хат ва алифбои ниёгон" аз ҷониби Ш. Кабиров ва А. Байзоев чоп ва ба мактабҳо фиристода шуд. Дар баробари ин, баъзе муаллимони ботаҷриба ҷадвалу матнҳоро бо хати ниёгон чопу интишор менамуданд. Дар бисёри мактабҳо Шурои методӣ доир ба омӯзиши хати алифбои ниёгон фаъолият мекард, ки сатҳу сифати дарсҳоро баррасӣ ва барои беҳтар шудани сифати таълим машварату тавсияҳо интишор ва паҳн менамуданд. Дар зинаи таҳсилоти олии касбии кишвар низ хати ниёгон таълим дода мешуд. Бо сабаби дигар шудани нақша ва барномаҳои таълимӣ ва гузаштан ба низоми бисёрзинагӣ, афсӯс, ки ин соатҳо аз байн бурда шуданд.

**(Давомаш дар саҳ. 13)**

Маҷид Салим:

# ҲАЙВОНОТ ВАФОДОРТАР АЗ ИНСОНҲОЯНД...



**СОЛҲОИ ОХИР МАСЪАЛАИ ҲИФЗИ ТАБИАТ ВА ҶОНВАРОНИ НОДИР АҲАМИЯТИ РӮЗАФЗУН ПАЙДО КАРДААСТ. БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАЪРИФАТИ ЭКОЛОГӢ, МАХСУСАН ДАР МИЁНИ НАСЛИ НАВРАС, ЯКЕ АЗ ВАЗИФАҲОИ МУҲИМИ ҶОМЕА БА ШУМОР МЕРАВАД. НАВИСАНДАИ МАЪРУФ, БАРАНДАИ ҶОИЗАИ АДАБИИ БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ МАҶИД САЛИМ АЗ ЗУМРАИ ОН ҚАЛАМКАШОНЕСТ, КИ ДАР ЭҶОДИЁТАШ МАСОИЛИ ЗИКРШУДА МАВҚЕИ МЕҲВАРӢ ДОРАНД. ДАР ИН ХУСУС БО ЭШОН СУҲБАТЕ ОРОСТЕМ, КИ ФИШУРДАИ ОН МАНЗУРИ ХОНАНДА МЕГАРДАД.**



## ДИЛ БА ТАБИАТ

**- Устод, чӣ бештар шавқи шуморо ба табиат ва олами вуҳуш ҷалб намуд? Чаро маҳз мавзуҳои марбут ба ҷонварон ва муҳити зистро барои навиштан интихоб кардед?**

- Ҳанӯз аз айёми мактабхонӣ парандагону ҷонваронро бисёр дӯст медоштам. Вақте ки дар синфи сеюми мактаби миёнаи ба номи Пушкини ноҳияи Москва (ҳоло Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ) таҳсил мекардам, аввалин шеърам, ки дар бораи кабк буд, дар рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон» чоп шуд. Он шумораи рӯзномаро ҳоло ҳам дар бойгонии худ нигоҳ медорам. Шеър чунин буд:

*Кабки хушгуфтори ман,*
*Мурғи беозори ман.*

*Майли сурудан дорад,*
*Майли паридан дорад.*

*Нағма карда дар қафас,*
*Кӯҳро мекунад ҳавас.*

Модарам Саодат Назарова мудири китобхонаи колхоз буданд ва китобхона беш аз 20 ҳазор нусха китобҳои гуногун дошт. Ман аз ин имконият истифода бурда, пайваста ба мутолиа машғул мешудам ва модарам маро барои иншои шеъру ҳикоя ҳидоят мекарданд. Маҳз дар ҳамон солҳои мактабхониям бобои Аъзам бароям нахустин маротиба сагчае ҳадя овард. Ба ҷонвар меҳр бастам ва дар борааш «Дӯсти вафодор» ном ҳикоя иншо кардаму дилбастагиям аз он лаҳза ба ҷонварон афзуд ва то ҳанӯз аз ин олами рангину ҷолиби ҷонварону табиати афсункор дил накандаам. Ҳангоми таҳсил дар синфи ҳафтум аллакай барои иншои ҳикояи беҳтарин ғолиби озмуни «Шайпур»-и маҷаллаи «Машъал» гардидам. Ин ҷо низ деҳа таъсири худро расонид, яъне, ман дар он ҳикояам дарёчаи Сияҳоб, ки аз миёни деҳаамон мегузашт, манзараҳои зебои табиат, долу дарахтон ва мавзеъҳои дӯстдоштаамро тасвир намуда будам. Ҳамин тавр, солҳои мактабхонӣ мухбири фаъоли рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон», маҷаллаи «Машъал» ва рӯзномаи ноҳиявӣ будаму бештар дар бораи табиату олами ҷонварон менавиштам.

**- Оё боре ҳам шоҳиди ягон ҳодисаи табиӣ ва ё амали аҷиби ҳайвоноти ваҳшӣ гаштаед, ки баъдан ба ҳикоя ё мавзуи асосии асаратон табдил ёфта бошад?**

- Бале, солҳои мактабхонӣ боре шоҳиди чунин воқеаи аҷиб шудам. Модагови мо - ягона ризқрасони хона рӯзе гӯсолаи мурда таваллуд кард. Волидонам шиками гӯсолаи мурдаро бо коҳ пур карда, ба назди модагов гузоштанд, то шир диҳад. Ман медидам, ки модагов боалам ба хӯсаи гӯсолачааш нигоҳ мекарду маос мезад, вай мефаҳмид, ки гӯсолачааш бе ҷон аст. Аммо модарамро бо сатили дасташ дида, шир медод ва ҳар рӯз бо аламу дард аз рӯйи меҳрубонӣ тани гӯсолачаашро мелесид. Чӣ хел вазнин буд хӯсаро лесидани модагов. Ана ҳамин воқеа боиси эҷоди қиссаи аввалинам «Хӯса» шуд.

## ДУОИ МОДАР

**- Лутфан, дар бораи нашри нахустин китобатон қисса мекардед.**

- Соли 1990 дар шаҳри Кӯлоб курс-конференсияи адибони ҷавон баргузор гардид. Он вақт ман дар рӯзномаи «Коммунисти Ховалинг»-и ноҳияи Ховалинг кор мекардам. «Гурги поҳӯрда» ном китобчаи аввалини худро, ки аз 82 саҳифа иборат буд, омода намуда, барои муҳокимаи устодон ба ин курс-конференсия пешниҳод кардам.

Адибон Меҳмон Бахтӣ, Урун Кӯҳзод, Саттор Турсун, Ашӯр Сафар, Қутбӣ Киром навиштаҳои мо - навқаламонро муҳокима карданд ва китобчаи ман барои нашр пешниҳод гардид. Баъдан, охири сол китобчаи нахустинам «Гурги поҳӯрда» бо теъдоди 2000 нусха аз чоп баромад. То ҳол чӣ гуна ба даст гирифтани китобчаамро дар хотир дорам, ҳамчунин, дар ёдам ҳаст, ки модарам бо ба даст гирифтани китобчаам чӣ гуна ашки шодӣ рехту дуоям дод.

**- Дар ҳикояҳои шумо аксар вақт ҳайвонот бештар боандешаву ҳассостар аз инсон тасвир шудаанд. Масалан, дар ҳикояи «Саги доно» шумо ба қобилияти дарки табиат ва шинохти гиёҳҳои шифобахш аз ҷониби ҷонварон ишора намудаед...**

- Бале, барои он ки дунёи ҷонваронро беҳтару хубтар фаҳмам, ман факултети биологияи Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро бо дипломи аъло хатм кардам. Устодонам, профессорон Сатторов ва Маҳмадзиёев ба ман сабақи хуб доданд, ки дилбастагиям ба табиату ҷонварон боз ҳам бештар гашт. Ман даҳҳо маротиба ба Бешаи палангону мавзеи Чилдухтарон, Зоркӯлу Сарихосор, Бадахшон, кӯли Сарезу Аловиддин, Даштиҷуму кӯҳҳои Ҳисору Раштонзамин ва дигар мавзеъҳои таърихиямон, ки табиати зебову бenazир доранд, сафарҳои омӯзишӣ анҷом додаам.

**- Дар баъзе ҳикояҳои дигаратон ҳайвонот нисбат ба инсон вафодортар тасвир шудаанд. Чаро?**

- Албатта, инсон бузург аст, вале дар раванди ташаккули худ бисёр чизҳоро аз ҷонварон омӯхтааст. Масалан, сохтани тайёраро аз парвози парандагон, бунёди манзилро низ аз лонасозии парандагон ва ҳатто бубинед, ки пеш аз инсон Лайка ном саг ба кайҳон парвоз кардааст.

Оид ба вафодории ҷонварон, махсусан, сагу гурба, палангу шер ва асп даҳҳо қиссаҳо ба вуҷуд омадаанд, ки ин бесабаб нест. Аз ин рӯ, ҷонварон дар ҳикояҳои банда ҳушёру зирак ва рамузфаҳм тасвир шудаанд. Адибон баъзан ба воситаи тасвири ҳаводисе, ки ҷонварон аз сар мегузаронанд, дар навиштаҳои худ истифода намуда, ба хонанда ҳушдор медиҳанд, ки садоқату вафодорӣ миёни ҷонварон нисбат ба инсон бештар аст. Яъне, мақсади адиб ба ин восита сабақ додан ба инсон аст.

## ЧАРО КАБӮТАРОН ФИРОР МЕКУНАНД?

**- Мо дар замоне қарор дорем, ки технологияҳои муосир инсонро аз оғӯши табиат ва аз ҳаёти воқеӣ то андозае дур мекунанд. Оё адабиёт метавонад ин робитаро аз нав барқарор намояд?**

- Бале, адабиёт қодир аст ин пайванди гусастаро аз нав барқарор намояд. Манфиати таълифи ин гуна асарҳо дар он зоҳир мегардад, ки дар онҳо, пеш аз ҳама, асрори ниҳони табиату олами ҳайвонот то андозае барои хонандагон равшан мегардад, нависанда табиату олами ҷонваронро зебову дилоро тасвир намуда, инсонро ба дӯст доштан ва ҳифз намудани онҳо раҳнамоӣ менамояд. Дар ин мавзуъҳо асарҳои зиёде таълиф гардидаанд. Асарҳои Чингиз Айтматов «Вақте кӯҳҳо фурӯ мерезанд», «Таҳхунда», Паустовский «Садбарги заррин», Троепольский «Бими сафеди гӯшсиёҳ» аз ҳамин ҷумлаанд, ки хондани онҳо барои насли наврас хеле зарур мебошад.

**- Ба назари ман, касе беҳтар аз нависандае, ки солҳо боз ба омӯзиш ва офаридани асарҳо дар бораи табиат ва ҳифзи муҳити зист машғул аст, наметавонад ба насли наврас муҳимияти ҳифзи табиат ва арҷ гузоштан ба ин неъмати бебаҳоро фаҳмонад...**

- Ман аз соли 1994, солҳои дароз дар Боғи ҳайвоноти шаҳри Душанбе ҳамчун ходими илмӣ фаъолият кардаам ва аз ҳамон вақт то ҳол ин мавзуро пайгирӣ менамоям. Дар ҷомеаи мо бояд муносибати одамон бо табиату ҷонварон одилонаву дилсӯзона ба роҳ монда шавад. Охир, чаро имрӯз аз назди мо кабӯтарон фирор мекунанду дар хорича бошад, кабӯтарон аз кафи дасти одамон дон меҳӯранд, ба китфи онҳо менишинанд? Чаро?! Дар ҳоле ки гузаштагони мо на танҳо бо ҷонварон муносибати хуб доштанд, балки бо олами ботину хусусиятҳои онҳо то андозае ошно буданд, ки дар офаридаҳояшон ҳайвоноти гуногунро вобаста ба ҳолат ва чораёни ҳодисаҳои дар асар инъикосшаванда қаҳрамони марказӣ қарор дода, аз номи онҳо сухан мекарданд. Далели ин гуфтаҳо асарҳое ба монанди «Баҳориёт»-и Сайидои Насафӣ, достони «Мушу гурба»-и Убайди Зоконӣ ва баъзе ҳикояҳои «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Балхию «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ ва ғайра мебошанд.

## МАРОМИ ЭҶОДӢ

**- Романи «Хирс»-и шуморо хонанда хуб пазируфт. Хуб мешуд дар бораи таълифи он каме маълумот медодед.**

- Романи «Хирс»-и банда соли 2021 бо дастгирии Шоири халқии Тоҷикистон Давлат Сафар тарики нашриёти «Адиб» аз нашр баромад ва аз ҷониби хонандагону муҳаққиқон баҳои хуб гирифт. Дар романи мазкур зиндагии аҷиби мӯйсафед ва хирсаш, ки бо он дар як кулбаи одӣ умр ба сар мебурд, инъикос ёфтааст. Фикр мекунам, ки хонандагон пас аз мутолиаи ин роман бо қаҳрамонон ва чораёни ҳодисахое, ки дар он қаламдод шудаанд, ошноии беш пайдо мекунанд.

**- Шумо асарҳои ба олами ҳайвонот бахшидаи адибони хориҷиро низ ба забони тоҷикӣ тарҷума кардаед?**

- Бале, тарҷумаҳои зиёд дорам. Аз ҷумла, қиссаи Тургенев «Муму», ҳикояи Чехов «Каштанка»-ро тарҷума карда будам, ки дар шакли китобчаҳои алоҳида аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо теъдоди 40 ҳазор нусха барои тамоми мактабҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр ва тақсим карда шуданд. Баъдтар ҳикояҳои Гаршин ва Паустовскийро низ тарҷума намудам. Дар баробари ин, дар Телевизиони Тоҷикистон беш аз 200 барномаи муаллифӣ дар бораи олами пурасрори ҳайвонот таҳия кардаам.

**- Дар эҷодиёти шумо табиати Тоҷикистон бисёр зебову дилнишин тасвир шудааст. Маълум аст, ки бо он хуб ошноеду чун ҷон дӯсташ медоред. Мегуфтед, ки барои як эҷодкор дӯст доштани Ватану ҳусни зебои диёр то кадом андоза муҳим аст?**

- Табиат хонаи умеди инсон аст ва инсон маҳз дар оғӯши табиати афсонавӣ худро хушбахт ҳис мекунад. Ана, бинед, дар фасли нозанини баҳор чӣ шоҳкорихое дорад табиати дилфиребі Тоҷикистон. Мо бояд ба қадри ин шоҳкориҳои муҳити зист бирасем ва нагузорем, ки гулу буттаҳои нодир аз байн раванд ва шумораи ҷонварон кам гарданд, баръакс, бояд ҳамеша садои булбулону кабкони хушхон танинандоз бошад. Дар мавриди он ки дӯст доштани Ватан барои як эҷодкор то кадом андоза муҳим аст, танҳо инро мегӯям, ки шахси эҷодкор бе муҳаббати Ватан ва шукргузорӣ аз он илҳом гирифта наметавонаду эҷодкор шудан ҳам.

**- Андешаҳо бобати беҳтар будани як асар миёни асарҳои дигари муаллиф гуногунанд. Масалан, хонандае аз як нависанда даҳ асар мутолиа кардаву якеро меписандад ва гумон мекунад, ки он асар ифодакунандаи тамоми мақсаду мароми ҳамон муаллиф аст. Фаҳмидан мехостем, ки аз миёни асарҳоятон кадом ҳикоя ё қиссаро метавон беҳтарин инъикоскунандаи андеша ва ҳадафи эҷодии шумо ном бурд?**

- Ман як қисса дорам бо номи «Озодпаланг», ки дар бораи «Снежний барс» нақл мекунад. Ватани озодпаланг Помир аст. Он ҳайвони бисёр нодир буда, дар қуллаҳои баланд умр ба сар мебарад. Он қатори дигар ҳайвоноти нодир ба Китоби сурхи байналхалқӣ шомил шудааст. Мардуми Бадахшон шикорашро гуноҳ медонанд. Дар бораи озодпаланг қиссаам нашр шуда, ҳамчунин, дар бораи он намоишномаам дар Театри давлатии лӯхтаки шаҳри Душанбе пешкаши тамошобини хурдсол гардида буд. Фикр мекунам мақсаду мароми эҷодии ман то андозае дар ин асар инъикос ёфтааст.

**- Хуб мешуд, ки дар бораи нақшаҳои эҷодии ояндаатон низ чанд сухан мегуфтед.**

- Қиссаи тозаэҷодам бо номи «Пешонисафед» дар дасти чоп буда, дар шумораи шашуми маҷаллаи «Садои шарқ» ба наздикӣ аз чоп мебарояд. Ҳоло бошад, машғули навиштани рисолаи докторӣ мебошам. Мавзуи интихобкардаам «Тасвири олами ҳайвонот дар адабиёти тоҷик» ном дорад.

**- Ба шумо дар кори илмӣ ва дар эҷоди асарҳои нав ба нав муваффақият таманно дорем.**

**Мусоҳиб:**
**Муҳаммад ҒАНИЗОДА,**
**рӯзноманигор**

# ХАРОБКОРИИ ОФАТИ ТАБИӢ ВА ТАДБИРАНДЕШИИ БЕТАЪХИРИ КОРМАНДОНИ IRS







**Тавре ҳамватанони азиз иттилоъ доранд, рӯзҳои охир дар кишвар, хоса масири Душанбе - Чанок бориши пуршиддати борон боиси омадани сел, лағзиши кӯҳпора, фурӯравии роҳ ва сангфарой гардид.**

Пайомади офати табиӣ махсусан дар минтақаҳои Варзобу Зарафшон ногувор буда, барои бетаъхир бартараф намудани онҳо кормандони филиали Ширкати саҳомии "Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз имкони мавҷуда самаранок истифода намуданд. Аз ҷумла, 1-4-уми июни соли равон бориши пуршиддати борон боиси омадани сел дар километрҳои 86-143-юми роҳи Душанбе - Чанок (худуди ноҳияи Айнӣ) гардид.

Ба макони зикршуда фавран техникаҳои филиали ширкат сафарбар ва оқибати офати табиӣ дар муддати кӯтоҳ бартараф гардид. Қобили зикр аст, ки маҳз ба шарофати тадбирандешии бетаъхир дар муддати нисбатан кӯтоҳ вазъ ба эътидол оварда шуда, ҳаракати воситаҳои нақлиёт аз ҳар ду ҷониб баркарор гардид. Хушбахтона, дар натиҷаи ин офати табиӣ талафоти ҷонӣ набуд. Гуфтан бамаврид аст, ки дар натиҷаи чунин офатҳои табиӣ, ки чанд соли охир рух медиҳанд, даҳҳо километр роҳи Душанбе - Чанок осеб дида, зарурати таъмири куллии масофаи зиёди он ба миён омадааст. Ба ибораи дигар, дар аксар қитъаҳои осебдида роҳ бояд аз нав сохта шавад. Ашхоси огоҳ хуб медонанд, ки таъмири куллӣ аз лиҳози моҳият ва хароҷот аз бунёди роҳ кам нест. Сарфи назар аз ин, роҳбарияти филиали ширкат дар ин самт собитқадам мебошанд, ки гувоҳи масъулиятшиносӣ маҳсуб мешавад.

Ёдрас шудан бамаврид аст, ки чунин ҳолат дар роҳи Душанбе - Чанок зиёд рух медиҳад. Ҳолати аввал дуюми июни соли 2018 дар километри 138-ум рух дода, бар асари он дар масофаи 35 метр роҳ пурра фурӯ рафта буд. Инчунин, 23-юми ноябри соли 2023 дар километри 119-ум, дар масофаи 50 метр роҳ пурра фурӯ рафта буд. Масъулиятшиносиву поквиҷдонӣ ва пойгоҳи пуркувватн техникии филиали Ширкат замина фароҳам овард, ки дар робита ба ҳолати баамаломада филфавр тадбирандешӣ шавад. Дар муддати бениҳоят кӯтоҳ кормандони филиали Ширкат роҳи мувақкатӣ бунёд намуда, тавассути он ҳаракати воситаҳои нақлиётро ба роҳ монданд. Сипас, мумфаршкунии роҳ низ бо истифода аз асфалти хушсифат дар сатҳи хубу сифати баланд амалӣ шуд. Чунин тадбирандешии фаврӣ аз ҷониби роҳбарияти Вазорати нақлиёт, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва дигар сохторҳои дахлдор баҳои баланд гирифта, ҳатто раиси вилояти Суғд Раҷаб Аҳмадзода эътироф кард, ки агар нигоҳдории ин роҳ ба зиммаи IRS намебуд, дар муддати кӯтоҳ барқарорсозии қитъаи осебдида имконнопазир мегардид. Ин дар ҳолест, ки дар дигар роҳҳои мамлакат бар асари монеаи ҷузъӣ чандин рӯз ҳаракати воситаҳои нақлиёт қатъ мегардад.

Фаромӯш набояд кард, ки дар гузаштаи начандон дур ин роҳи аҳамияти стратегидошта дар ҳолати ногувор қарор дошт. Шоҳидони ҳол хуб медонанд, ки пештар роҳи мазкур дар давоми сол 6-7 моҳ баста буд. Ронандагону мусофирон ба мушкилии зиёд мувоҷеҳ мешуданд. Ҳатто ҳолатҳое буданд, ки одамон ҳалок мешуданд, дар маросими дафни азизтарин ашхос иштирок карда наметавонистанд ва ғайра. Аз ҷониби дигар, ҳолати ногувори роҳ боис мегардид, ки воситаҳои нақлиёт хеле зиёд осеб бинанд. Табиист, ки барои таъмири воситаҳои нақлиёт шаҳрвандон маблағи зиёд харҷ менамуданду бар замми ин вақташон барабас мерафт. Чунин мисолҳо ҳақиқати бебаҳс буда, касе наметавонад онҳоро инкор кунад. Пештар барои то нуқтаи ниҳоии ин масир рафтан 13 соат вақт лозим буд. Ҳоло бошад, дар 4-5 соат ин масофаро тай кардан имконпазир гардидааст.

Хурсандиовар аст, ки вақтҳои охир теъдоди шахсоне, ки зимни сафар аз тариқи роҳи Душанбе - Чанок сипоси хешро тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаи филиали ширкат ба роҳбарият ва кормандони IRS барои масъулиятшиносӣ мерасонанд, тамоюли афзоишро касб намудааст. Зеро онҳо шоҳиди ҳол мешаванд, ки тадбирандешиҳо дар роҳи мазкур хеле зиёд буда, филиали ширкат рисолати хешро дар сатҳи хуб ва бо сифати баланд ба ҷо оварда истодааст.

Шоистаи зикр аст, ки фаъолияти асосии ширкат на дар плазаҳои толлингӣ (ҳамон тавре, ки баъзе "дӯстон" мепиндоранд), балки дар масири роҳи мошингард ба роҳ монда шудааст. Ҳамарӯза садҳо мутахассиси соҳибтаҷриба бо кумаки техникаи махсусгардонидашуда ба тозакунии роҳ аз барф, коркарди он бо маводи зиддилағжиш, бартарафсозии тармаҳо, таъмири куллӣ ва ҷорӣ, соҳилмустаҳкамкунӣ, нигоҳдории 36 пул ва ғайра машғул буда, кӯшиш ба харҷ медиҳанд, то ҳаракати муназзаму бехатари нақлиёт таъмин бошад.

Кӯҳистон табиати хоси худро дорад. Кӯҳҳои сарбаланду саркаш, рӯдхонаҳои пуртуғён ҳамеша хатаре эҷод мекунанд. Гоҳе ягон қитъаи роҳро сел хароб мекунад, гоҳи дигар дар натиҷаи лағшиши кӯҳпорае роҳ банд мешавад, ҳамчунин дар натиҷаи фурӯ рафтани замин ҷода аз кор мебарояд. Дар мавсими тармафарой мушкили зиёдтар эҷод мегардад. Бартараф кардани ҳамаи ин, пешгирӣ кардани хатарҳо ва таъмин намудани ҳаракати нақлиёт дар чор фасли сол кори осон нест.

Мавқеи ҷойгиршавии роҳи Душанбе - Чанок нигоҳубини бистуҷаҳорсоатаро тақозо месозад. Каме беэътиноӣ ба кори роҳ метавонад мушкил болои мушкил эҷод кунад ва бехатарии нақлиёту мусофиронро зери суол барад. Аз ин рӯ, коргарони IRS дар чор фасли сол соате бекор намемонанд. Онҳо тирамоҳу зимистон мунтазам ба тоза кардани барфу бартараф сохтани тармаҳо машғуланд. Баҳору тобистон бошад, ба таҷдиду таъмири роҳ, бартараф сохтани паёмади бориши борону омадани селу лағшиши кӯҳпораҳо ва ба соҳилмустаҳкамкунӣ машғул мегарданд. Ба ибораи дигар, Душанбе - Чанок масирест, ки ҳамеша бо офатҳои табиӣ рӯ ба рӯ мегардад. Мубориза бурдан бо ин офатҳо ва бартараф кардани зарари онҳо қувваи кориву хароҷоти зиёдро талаб менамояд. Ширкати IRS ба муқобили қонунҳои нонавиштаи табиат беамон мубориза намебарад, балки харобиҳои овардаи онро бартараф сохта, роҳро сабурона таъмиру таҷдид мекунад. Барои анҷом додани корҳое, ки зикр шуд, ниёз ба техникаву технологияи навин аст. Ширкати IRS дорои пойгоҳи пурқуввати техникӣ буда, техникаву механизмҳои он ба 242 адад расид. Аммо ин шумораи ниҳоӣ нест. Барои кори босифат ва дар ҳолати хуб нигоҳ доштани роҳ ширкат дар оянда низ техникаву технологияҳои навтаринро харидорӣ менамояд.

IRS ширкати корофарин аст. Соли 2009 кормандони филиали он ҳамагӣ 24 нафар буданд. Имрӯз коргарони ширкат дар ин масири ҳаётан муҳим ба 872 нафар расидааст. Таъкид кардани ин нукта низ муҳим аст, ки айни ҳол бо шарофати мавҷудияти ширкат дар масири Душанбе - Чанок зиёда аз 5000 нафар манбаи даромад доранд ва чархи осиёби зиндагиашонро ба гардиш меоранд.

Кор кардан, ҷоеро обод намудан, дасти мадад ба дигарон дароз кардан ба гуфтан осон аст. Барои расидан ба ҳадаф, ба зиндагии осудаву ширинтар мубориза бояд бурд. Дар ин гуна талошҳо кормандони IRS ҳамеша пешсафанд. Офатҳои табиии рӯзҳои охир бори дигар собит намуданд, ки IRS баҳри нигоҳдории роҳи Душанбе - Чанок тавонманд буда, дар муддати кӯтоҳ пайомади офатҳои мавриди назар низ рафъ хоҳад шуд.

**Бобоҷони НЕЪМАТУЛЛО**



# ТАРБУЗ ДАВОИ ФАРБЕҲӢ

**Табибон тарбузро беҳтарин ғизои парҳезӣ барои онҳое донистаанд, ки аз фарбеҳӣ азоб мекашанд. Онҳо мегӯянд, ки гирифторони фарбеҳӣ ба осонӣ метавонанд бо истеъмоли тарбуз вазнашонро кам кунанд.**

Тарбуз дар таркиби худ 90-95 фоиз об дорад ва он шифобахш аст. Зеро оби тарбуз дистиллатсияшуда мебошад. Дона ва ҳатто пӯчоқи он хосияти табобатӣ доранд. Барои таъмини шабонарӯзии чисм бо магний хӯрдани 150 грамм тарбуз кифоя аст. Нафароне, ки гирифтори фишори баланди хунанд, бояд ҳар рӯз тарбуз истеъмол намоянд. Тарбуз холестеринро низ аз ҷисм берун мекунад, ки барои бемориҳои дилу раг муҳим аст.

Миёни тамоми киштҳои полезии дигар тарбуз хосияти қавии пешобронӣ дорад. Ин хосияти тарбуз дар пӯчоқи он низ мавҷуд аст. Аз пӯчоқи тарбуз барои муолиҷаи бемориҳои дилу гурда ҷӯшоба тайёр кардан мумкин аст. Донаи тарбуз ҳам барои шустани санги гурда ва ҳам барои нест кардани кирм (гелминт)-хо воситаи хуб мебошад. Хусусиятҳои шифобахши он: хӯрдани тарбуз шиддати сафро ва фишори баланди хунро таскин медиҳад ва ташнагиро мешиканад, пешобро меронад, дар бадан хуни рақиқ (суюк) пайдо мекунад. Барои бадан рутубат мебахшад; барои табҳои сӯзон ва сафровӣ давост.

# МУЪҶИЗАҲОИ БОДИРИНГ



**Фасли тобистон пурфайзу баракат аст, зеро меваю сабзавоти гуногун пухта мерасанд. Ин шабу рӯзҳо боғҳо ва бозор пур аз гелос, зардолу, қулфинай ва бодиринг мебошад. Аз фурсат истифода бурда, ҳарчи бештар бояд аз ин эҳсони табиат истифода бурд, зеро меваю сабзавоти тару тоза манбаи бебаҳои витаминҳо мебошанд. Имрӯз мо ба шумо - хонандагони азиз дар боби хусусиятҳои табобатии бодиринг маълумот медиҳем.**

## ТАВСИЯИ СИНО

Аз қадимулайём бодирингро чун ғизои парҳезӣ, исҳоловар, пешоброн, талхарон ва иштиҳоовар ба кор мебурданд. Табибони халқӣ гирифторони бемории зардпарвинро бо оби решаи бодиринг табобат мекарданд. Дар баъзе мазханҳои қадимӣ омадааст, ки агар бодирингро бо асал омехта карда бихӯранд, сурфаро даво мебахшад. Падари тиби тоҷик Абуалӣ ибни Сино дар боби хусусиятҳои табобатии бодиринг чунин гуфтааст: "Бодиринг таб ва ташнагиро мешиканад, пешобро меронад, меъдаро қувват мебахшад ва ба бемориҳои ҷигар муфид буда, ҷисмро тоза ва сард мекунад. Барои меъдаи гарм ва илтиҳоби масона муфид аст. Шикамро нарм месозад, пешоб ва санги гурдаю масонаро меронад. Тухми бодиринг давои пешоброн аст, қабзиятро кушода, рагҳоро тоза мекунад. Вале он бод ҳосил карда, боиси сар задани қулинҷ мегардад".

## ДОҒҲОИ КУНҶИДАКРО НЕСТ МЕКУНАД?

Ин сабзавоти бебаҳо дар баробари ба саломатӣ фоида доштан ба зебо ва ҷавон мондани инсон низ кумак мерасонад. Бодиринг барои равондани доғи кунҷидак ва гармича нафъ дорад. Аз бодиринг барои пардоз лосёнҳои гуногун таҳия карда мешаванд.

## ТАРКИБИ БОДИРИНГ

Бодиринг аз 95-97% об иборат мебошад, вале дар баробари ин, аз витаминҳои С, В1, В2, РР, каротин ва минералҳои муҳим, аз қабили калий, калсий, оҳан, фосфор, йод бой аст. Дар таркиби бодиринг ҳамчунин сафеда, қанд, оҳар ва кислотаҳои органикӣ мавҷуданд.

## КИҲО БОЯД ЭҲТИЁТ ШАВАНД?

Аммо бояд гуфт, ки бодиринг дар баробари хусусиятҳои зиёди фоиданокаш ба баъзе бемориҳо зарар ҳам дорад. Он боиси зиёдшавии шираи меъда мегардад, бинобар ин, ба гирифторони гастрит ва захми меъда зиён дорад.

Модароне, ки тифли ширхора доранд, бояд ҳангоми истеъмоли бодиринг эҳтиёт бошанд, зеро бисёр моддаҳои таркиби он ба шири сина мегузаранд ва имкон дорад, ки кӯдакро дарунрав кунанд. Баъди истеъмоли бодиринг нӯшидани оби хунук ё газдор, лимонад, шир ҷоиз нест.

**Бодиринг ба бемориҳои зерин фоида дорад:**

1. Бемориҳои дил ва рагҳо. Аз сабаби мавҷудияти калий, бодиринг ба кори дил кумак мекунад ва барои паст кардани фишори баланди хун муфид аст.
2. Бемориҳои гурда ва масона. Бодиринг таъсири пешоброн, яъне диуретикӣ дошта, ба поксозии гурда ва масона аз рег, қум ва сангчаҳои майда ёрӣ мерасонад.
3. Мушкилоти узвҳои ҳозима ва фарбеҳӣ. Бодиринг барои беҳтар кардани кори узвҳои ҳозима муфид мебошад.
4. Бемориҳои пӯст ва косметикӣ. Истифодаи бодиринг дар никобҳои рӯӣ доғҳоро нест карда, пӯстро тоза ва ҷавон месозад.
5. Давои таб ва ташнагӣ. Тибқи маълумоти Абуалӣ ибни Сино, бодиринг дар фасли гармо таб ва ташнагиро мешиканад.
6. Иммунитетро пурқувват месозад. Бодиринг манбаи хуби моводи ғизоӣ буда, ба баланд шудани қуввai муҳофизатии организм - иммунитет кумак мекунад.
7. Раванди пиршавиро ба таъхир меандозад. Бодиринг ҳамчун воситаи муқобили пиршавӣ - антиоксидант шинохта шудааст.
8. Давои меъда ва талха. Истеъмоли бодиринг тарашшуҳи шираи меъда ва талхаро зиёд намуда, кори узвҳои гувориширо беҳтар месозад ва қабзиятро пешгирӣ мекунад.
9. Ба ҷоғар даво аст. Бодиринг барои одамони гирифтори иллати ҷоғар муфид аст.
10. Давои фарбеҳӣ. Бо сабаби камкалория буданаш бодиринг барои халосӣ аз фарбеҳӣ ва кам кардани вазни бадан кумак мерасонад.

# Толеънома



**Ҳамал**
**21.03 - 20.04**

Ин ҳафта рӯҳиятон болида шуда, барои беҳтар намудани зиндагӣ имкониятҳои хуб пайдо мешаванд. Пешрафти корҳо бештар ба фазои орому гарми оила вобаста аст. Роҳбарон ва соҳибкорон метавонанд фоидаи хуб ба даст оранд.



**Саратон**
**22.06 - 23.07**

Ҳафта барои ворид намудани тағйироти мусбат ба зиндагӣ мувофиқ аст. Дар масъалаҳои корӣ ва молиявӣ имкони беҳбудӣ пайдо мешавад. Муносибат бо ҳамсар ва наздикон хуб гардида, харидҳои деринтизор низ муяссар мешаванд.



**Мизон**
**25.09 - 22.10**

Пешниҳоди нави корӣ метавонад нақшаҳои шуморо дигар кунад. Барои ба даст овардани даромади хуб заҳмати бештар лозим мешавад. Дар ҳаёти шахсӣ ташаббус нишон диҳед, то муносибатҳо беҳтар гарданд. Охири ҳафта эҳтимоли хастагӣ ё нотобӣ вуҷуд дорад.



**Ҷаддӣ**
**22.12 - 20.11**

Ҳафта пур аз тағйирот ва рӯйдодҳои ғайричашмдошт хоҳад буд. Баъзан қабули қарор душвор мегардад, аммо бо сабру таҳаммул аз ӯҳдаи ҳама чиз мебароед. Дар муносибатҳои оилавӣ эҳтимоли нофаҳмии кӯтоҳмуддат вуҷуд дорад, ки зуд бартараф мешавад.



**Савр**
**21.04 - 21.05**

Ин ҳафта сабру таҳаммул ба шумо дар ҳалли мушкилот кумак мекунад. Аввали ҳафта бо роҳбарият нофаҳмиҳои хурд имкон доранд, бинобар ин, аз якравӣ парҳез намоед. Ба саломатӣ диққати ҷиддӣ диҳед, дар сурати нотоб шудан ба табиб муроҷиат кунед.



**Асад**
**23.07 - 22.08**

Дар ин ҳафта кӯшиш кунед ба ҳодисаҳо бо оромӣ назар намуда, қарорҳои саросема қабул накунед. Дар муносибатҳои ошиқона эҳтимоли нофаҳмӣ вуҷуд дорад, аз ин рӯ, ба эҳсосот роҳ надода, вазъиятро дуруст арзёбӣ намоед.



**Ақраб**
**23.10 - 22.11**

Ин ҳафта ҳама корҳо мувофиқи нақша пеш намераванд, бинобар ин, сабрро аз даст надиҳед. Тағйироти ҷиддӣ дар кор ё тиҷоратро ба вақти дигар гузоред. Вазъи молиявӣ муваққатан ноустувор буда метавонад.



**Далв**
**21.01 - 19.02**

Одатан аз мушкилот роҳи баромад меёбед, аммо ин ҳафта баъзе масъалаҳои хурд метавонанд асабонияти шуморо зиёд кунанд. Дар ҷойи кор ҳушёр бошед ва ба ҳар сухан зуд бовар накунед. Бо рақибон ва бадхоҳон бо хирад муносибат кунед.



**Ҷавзо**
**22.05 - 21.06**

Корҳое, ки пеш намерафтанд, акнун тадриҷан роҳи ҳалли худро меёбанд. Бо рақибон ва нафароне, ки пештар бо онҳо ихтилоф доштед, забон ёфтан мумкин мешавад. Одоб ва хушмуомилагӣ калиди муваффақияти шумост.



**Сунбула**
**23.08 - 22.09**

Манбаи нави даромад метавонад вазъи молиявии шуморо беҳтар созад. Барои донишомӯзӣ, варзиш ва рушди шахсӣ давраи мусоид фаро мерасад. Зимни муносибат бо роҳбарият эҳтиёткор бошед ва аз баҳсҳои нолозим канорагирӣ кунед.



**Қавс**
**25.11 - 21.12**

Қисми зиёди ҳафта ба корҳои хона ва мушкилоти рӯзгор бахшида мешавад. Мушкилиҳо зуд ҳал мешаванд, агар оромиро нигоҳ доред. Дар ҳаёти шахсӣ эҳсосоти нав ва рӯйдодҳои хуш имкон доранд. Барои сафар ва муоинаи тиббӣ рӯзҳои муносиб фаро мерасанд.



**Ҳут**
**20.02 - 20.03**

Ин ҳафта дурандешӣ ва зиракии шумо барои ҳалли масъалаҳои муҳим кумак мерасонад. Вазъи молиявӣ беҳтар шуда, имкони харидҳои зарурӣ пайдо мешавад. Дӯстону наздикон дар корҳои муҳим дастгирӣ хоҳанд кард.

# ПАДАРИ АБДУЛЛО ҚАҲҲОР КӢ БУД?

**Чанд соли охир ҷустуҷӯи акси падари нависандаи машҳури ӯзбек Абдулло Қаҳҳор на танҳо як кори шахсӣ, балки як талоши эҳёи хотираи таърихӣ гардид. Зеро дар паси чеҳраи фарзанди нобиға, аксаран сарнавишти падаре меистад, ки бо зиндагии пурмашаққат ва мавқеи шаҳрвандии худ заминаи ташаккули шахсияти фарзандро фароҳам овардааст.**



Абдулло Қаҳҳор - Нависандаи мардуми Ӯзбекистон зодаи деҳаи Кӯҳанбунёди Ашт мебошад, сарзамине, ки дар тӯли таърих бисёр фарзандони соҳибистеъдод ба ҷомеа эҳдо кардааст.

Падараш Абдуқаҳҳор Ҷалилов аз ҷумлаи мардони заҳматкаш, ростқавл ва соҳиби касби ҳалол, устои оҳангари аштӣ буд. Оҳангарӣ дар муҳити иҷтимоии он давра танҳо касб набуд, балки рамзи қувва, сабр ва эҷодкорӣ маҳсуб мешуд.

Соли 1918, дар яке аз давраҳои бисёр ҳассоси таърихи водии Фарғона, Абдуқаҳҳор Ҷалилов бар зидди ҳаракати босмачиён мубориза бурдааст. Ин мавқеи ӯ шаҳодати равшани шуури шаҳрвандӣ, ҳисси масъулият ва садоқат ба амнияти мардум мебошад. Маҳз чунин одамон буданд, ки дар солҳои ноором пояҳои тартибот ва суботи ҷомеаро нигаҳ доштанд.

Аз соли 1918 то 1934 Абдуқаҳҳор Ҷалилов дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқи шаҳри Хӯқанд фаъолият кардааст. Ин давра барои минтақа давраи душвор, пур аз таҳаввулоти сиёсӣ ва иҷтимоӣ буд. Хизмат дар чунин шароит иродаи қавӣ, садоқат ва ҷасоратро талаб мекард. Метавон гуфт, ки таҷриба, интизом ва ҷаҳонбинии ҳуқуқии падар дар ташаккули ахлоқ ва ҷаҳонбинии Абдулло Қаҳҳор таъсири амиқ гузоштааст. Пас аз соли 1934, Абдуқаҳҳор Ҷалилов аз хизмати давлатӣ канора гирифта, то соли 1949 боз ба касби аслии худ - оҳангарӣ баргаштааст. Ин бозгашт нишонаи хоксорӣ ва пайванди устувор бо меҳнати халқӣ мебошад. Ӯ зиндагии худро бо меҳнати дастӣ, бо нону арақи ҷабин идома дод ва ҳамин рӯҳия ба фарзандаш - нависандаи оянда эҳсоси эҳтиром ба одамони одӣ, заҳматкаш ва сарнавишти онҳо бахшид.

Таҳлили эҷодиёти Абдулло Қаҳҳор нишон медиҳад, ки образи инсонҳои сода, ростқавл ва пуртаҳаммул дар осораш тасодуфӣ нест. Ин симоҳо реша дар муҳити хонаводагӣ ва тарбияи падаре доранд, ки ҳам мубориз буд, ҳам хизматчии ҷамъият, ҳам устои меҳнат.

Ҳамин тавр, омӯзиши зиндагӣ ва фаъолияти Абдуқаҳҳор Ҷалилов на танҳо барои пурра намудани саҳифаҳои ношинохтаи зиндагиномаи Абдулло Қаҳҳор муҳим аст, балки барои дарки амиқи заминаҳои иҷтимоӣ ва маънавии ташаккули адабиёти ӯзбеки асри XX низ аҳамияти калон дорад. Ҷустуҷӯи як акс дар асл ҷустуҷӯи як пораи таърих, як насл ва як сабақи ибрат аст.

**Бахтовар ТЕМИРЗОДА,**
**муаррих**

# ОМӮЗИШИ АЛИФБОИ НИЁГОН

**(Аввалаш дар саҳ. 9)**

**Дар факултаҳои филологӣ, аз ҷумла филологияи тоҷик соати ин фан ба 6 кредит ва 146 соат расонида шуд, ки хело кам аст. Дар ихтисосҳои корманди адабӣ, мероси хаттӣ, ҳуҷҷатшиносӣ фанни "Хат ва алифбои ниёгон" ҳамагӣ 2 кредит, 48 соат, дар ихтисоси забоншиносӣ ва технологияи нави иттилоотӣ 4 кредит ва 96 соат, дар ихтисосҳои фарҳанги ҷаҳонӣ, тарҷумаи бадеӣ 2 кредит ва 48 соат ва ихтисосҳои таърих ва сарчашмашиносӣ 3 кредит ва 72 соат фанни мазкур таълим дода мешавад. Дар дигар ихтисосҳо ин фан аз байн бардошта шудааст. Дар факултаи филологияи тоҷик пеш ин фан 192 соат ё зиёдтар таълим дода мешуд ва донишҷӯён баробари ба анҷом расонидани курс имтиҳон месупориданд.**

Китобҳои дарсии "Матни хати классикӣ", "Хат ва алифбои ниёгон" таълиф ва чоп шуда, дастраси донишҷӯёну омӯзгорон гардида буданд. Дар кафедраи забони тоҷикӣ олимони номдор, ба мисли профессорон М. Қосимова, Д. Хоҷаев, М. Саломов, дотсентон - Б. Сияев, А. Каримов, С. Ҳошимов, Ш. Кабиров ва дигарон аз рӯйи ин фан дарс медоданд ва маводи зиёди таълимиву методӣ ба нашр мерасониданд. Китоби "Гулистон"-и Саъдии Шерозӣ низ бо ҳамин мақсад бо хати ниёгон интишор гардида буд. Ботаассуф, дар муддати кӯтоҳ, бинобар сабаби иваз шудани низоми таҳсилот ва таҳияи гардидани барномаву стандартҳои нави таълимӣ аз рӯйи ихтисосҳо ин фан аз нақшаву барномаҳои таълимӣ берун шуд ва ё соатҳои он ба маротиб кам гардид.

**Ташаббуси Сарвари давлат бори дигар роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва низоми ваколатдори он - Вазорати маориф ва илмро вазифадор менамояд, ки ба нақшаву барномаҳои таълимӣ тағйирот ворид намоянд ва таълими ин фан ва соатҳои онро боз аз сари нав дар зинаҳои таҳсилот вобаста ба ихтисосҳо баррасӣ намоянд.**

Ин кори хайр барои омӯзиши мероси беш аз панҷҳазорсолаи халқи тоҷик имкони мусоид фароҳам меоварад ва қобилияти матнхонии насли навро беҳтар месозад.

Воқеан, ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саривақтӣ буда, барои ҷамъоварии мавод барои "Конуни тамаддуни ориёиҳо" мусоид менамояд ва муосиронро ба гузаштаи халқ зиёдтар ошно месозад. Ҳамзамон, ҷиҳати омӯзиши хати алифбои ниёгон дар муассисаҳои таълимӣ шароит фароҳам оварда, барои омӯзиши осори кӯҳан роҳи васеъ боз менамояд.

**Вобаста ба ин, чанд пешниҳодро барои ислоҳи ин камбудӣ бамаврид мешуморем:**

*1. Зиёд кардани соатҳои дарсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва интишори китобу дастурҳои методӣ.*

*2. Дар асоси нақшаву барномаҳои таълимӣ зиёд намудани соатҳои дарсӣ дар факултаҳои филологӣ ва ихтисосҳои марбут ба он.*

*3. Ҷорӣ кардани омӯзиши ин фан дар дигар ихтисосҳои гуманитарӣ ва иҷтимоӣ.*

*4. Бо хати ниёгон чоп кардани матни осори ниёгон.*

*5. Ҷорӣ намудани омӯзиши навъҳои хати ниёгон дар ихтисосҳои филологӣ ва ҷудо кардани соатҳои алоҳида барои тадриси он.*

*6. Паҳн намудани маҷаллаи "Пайванд" дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва интишор кардани матнҳои классикӣ бо алифбои ниёгон барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот дар рӯзномаву маҷаллаҳои соҳаи маориф.*

**Абдуҷаббор РАҲМОНЗОДА,**
**академик**

## МАВЛУДНОМА

### 11 ИЮН

**Абдулҳаким Бойматов** (1931-1994), 95-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

**Вера Сивиленова** (1921-1982), 105-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ.

### 12 ИЮН

**Додохон Абдуллоев** (1951), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

**Бӯрӣ Икромов** (1931-2012), 95-солагии зодрӯзи журналист.

**Шариф Тағойназаров** (1941), 85-солагии зодрӯзи доктори илми ҳуқуқ, профессор.

**Ҳаким Эргашев** (1936-2003), 90-солагии журналист.

### 13 ИЮН

**Абдулҳамид Гулаҳмадов** (1941), 85-солагии зодрӯзи адиб.

**Леонид Кузнетсов** (1921-2002), 105-солагии зодрӯзи роҳбари оркестр, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

### 14 ИЮН

**Худобердӣ Холиқназаров** (1951), 75-солагии зодрӯзи муаррих ва сиёсатшинос.

**Аҳмад Зоҳир** (1946-1979), 80-солагии зодрӯзи сарояндаи маъруфи Афғонистон.

### 15 ИЮН

**Ато Боқиев** (1951), 75-солагии зодрӯзи журналист.

**Умар Донизода** (1931-2003), 95-солагии зодрӯзи мусиқишинос.

**Наимҷон Маҳкамов** (1951), 75-солагии зодрӯзи Ҳофизи халқии Тоҷикистон.

**Саидмухтор Олимов** (1946), 80-солагии зодрӯзи журналист.

**Саидмуъмин Раҳимов** (1946-2010), 80-солагии зодрӯзи варзишгар, Чемпиони ҷаҳон оид ба Самбо (1980).

### 16 ИЮН

**Нодир Карамхудоев** (1931), 95-солагии зодрӯзи забоншинос.

**Зокир Собиров** (1951), 75-солагии зодрӯзи рассом.

**Содирхон Ҳомидов** (1931), 95-солагии зодрӯзи муаррих.

### 17 ИЮН

**Мавлон Исмоилов** (1941), 75-солагии зодрӯзи файласуф, профессор.

**Муҳаррам Расулова** (1926-2004), 100-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология, узви вобастаи АИ Тоҷикистон.

**Саидмуҳаммадхон Расулов** (1951), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

### Аз идора

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**

**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ЭЪЛОН:
(+992) 93 111 08 87

## МЕФУРӮШАМ

➔ 2-ҳуҷрагӣ, 87 м.м., қабати 10, бинои 18-ошёна, баъди таъмир, нишонӣ: "Лесная Сказка", бе миёнарав. Тел.: 918-68-02-18

## НИЁЗ ДОРЕМ

➔ Дар шаҳри Воронеж ба пазанда (выпечница) ниёз дорем, тамоми шароити кору зиндагӣ муҳайё аст, беҳтараш бо шиносномаи шаҳрвандӣ. Маош 10 000 сомонӣ. Агар таҷриба надошта бошеду хоҳиш бошад, корро меомӯзонем. Тел.: 8952-548-71-22, 8920-459-27-79

Сехи дӯзандагӣ дар ф/б "Ширин" ба посбон, мудири анбор бо дониши компютер ва таҷрибаи корӣ, ёрдамчии мудири анбор ниёз дорад. Тел.: 112-12-50-33

## КОР МЕҶӮЯМ

➔ Рӯбучини босифат. Тел.: 001-33-80-33

➔ Рӯбучин ва хизматгори хона барои хориҷиён. Тел.: 001-33-80-33

➔ Рӯбучини босифат. Тел.: 931-47-17-13

➔ Рӯбучини подъездҳо дар биноҳои навсохт. Тел.: 931-47-17-13

## ХИЗМАТРАСОНИИ ГУНОГУН

Устои касбии кафелчинӣ, устои таҷҳизоти сантехникӣ. Тел.: 915-58-71-31

➔ Ба қисмҳо ҷудо кардан, сохтан ва таъмири мебел. Тел.: 917-05-77-05

➔ Таъмири яхдон бо кафолат. Тел.: 919-03-07-78, 934-65-89-54

➔ Газовик. Тел.: 988-61-10-57

## МЕФУРӮШАМ

## ГУНОГУН

➔ Ҷевон ва кати дунафараи хоб, истеҳсоли Душанбе, ҷевони дудараи либос, мизи ошхона, яхдони Минск-11, телевизор. Тел.: 919-00-17-25

## МЕХАРАМ

Флягҳо, курпача, қолин, нишон, медал, асбобҳо, зарфҳо, дегҳо, тангаҳо, мошинаҳои дарздӯзӣ, баллонҳои газ, асбобу анҷоми шуравӣ, ҳайкалчаҳо, оҳанпора, коғазпора мехарам. Тел.: 988-33-73-61, 905-98-77-88

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобу анҷом, оҳанпора, коғазпора, тангаҳо, нишонҳо, ҳайкалчаҳо, мошинаҳои ҷомашӯӣ, мошинаҳои дарздӯзӣ, қолин, кондитсионер, курпача ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001, 300-03-19-33

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобҳо, оҳанпора, коғазпора, тангаҳо, нишонҳо, ҳайкалчаҳо, мошинаҳои дарздӯзӣ, мошинаҳои либосшӯӣ, қолин, кондитсионер, курпача ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

➔ Мухри ҶДММ "Одина-Ф", РМА: 120033248, ки соли 2009 дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Аттестати синфи 11, №0158837, ба номи Ахмедова Умеда Ахрорқуловна, ки соли 2015 аз МТМУ №11-и н. И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шартномаи ба моликият супоридани квартира барои бартарафсозӣ бо шарти пайдо кардани ҳуқуқи моликият ба квартираи дар хонаи навбунёдшуда таҳти феҳристи рақами 1Ш-1332 аз 29.08.2018 сол, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба номи Бафоева Саноат Асоевна тасдиқ гардидааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шиносномаи техникӣ ва Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрасти рақами 5Д-359, аз 13.05.2008, ба номи Садиров Рустам Ёрмаҳмадович, бо суроғаи ш. Турсунзода, ҷ/д Пахтаобод, кӯчаи Ленин, хонаи 68, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии шаҳри Турсунзода тасдиқ гардидаанд, бинобар сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

➔ Дипломи ДТО №0140520, рақами қайд 604, ба номи Саёрабекова Таҳмина Валлиевна, ки соли 2013 аз ҷониби ДМТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Дипломи ДТК №0106995, рақами қайд №147, ба номи Турсунова Марҷона Зафаровна, ки соли 2016 аз ҷониби Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Дипломи ДТК №0123517, рақами қайд №1801, ба номи Турсунов Зафар, ки соли 2017 аз Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шиносномаи техникӣ ба номи Сангинов Аҳмад Тешаевич, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Испечак 1, хонаи 100, аз сабаби сӯхтанаш беэътибор дониста шавад.

➔ Васиятнома таҳти феҳристи №3-2158, аз 23.06.2025, аз номи Мухамадиев Назарали Бабаевич ба номи Мухамадиева Ганҷина Равшановна ва Мухамадиева Азиза Равшановна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, к. Сурхоб 73, ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи И. Сомонӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Аттестати синфи 11, Т-АТУ №1055682, ба номи Саидов Муҳаммадҷон Саидаламович, ки санаи 02.07.2022 аз МТМУ №5-и н. Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Аттестати синфи 11, Т-АТУ №1360874, ба номи Камолзода Абдулмутолиб Камол, ки соли 2025 аз ҷониби МТМУ №1-и н. И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Парвандаи истифобарии замин (китобча), ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Возеҳ 69, ба номи Ахмедова Меҳринигор Алиевна, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шартнома дар бораи саҳмгузорӣ дар сохтмони бинои истиқоматӣ ба номи Норбутаев Нурмат Ҳасанович, ш. Душанбе, н. Сино, к. Борбад, б.101Б1, у. 91, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шиносномаи техникӣ, кадастр 0707-006-001711, ба номи Ашуров Маҳмадабос Вайсидинович, бо суроғаи н. Рӯдакӣ, д. Чоряккорон, деҳаи Армуғон, санаи 27.08.2024, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шиносномаи техникӣ ва Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрасти рақами 5Д-446, аз 22.06.2009 сол, ба номи Хидиров Салоҳиддин Насимович, бо суроғаи ш. Турсунзода, ҷ/д Қаратоғ, деҳаи Аскари Сурх, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии шаҳри Турсунзода тасдиқ гардидаанд, бинобар сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

➔ Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси Кооперативи тиҷоратии Нодирбек, РЯМ: 0710002105, РМА: 070002226, ки аз 29.12.2014 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

➔ Шиносномаи шаҳрвандӣ, A02618777, ба номи Саидова Халича Холиқбоевна, ки санаи 24.10.2019 аз ШВКД-2 н. Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шиносномаи техникӣ, феҳрист №6340, ба номи Назарова Моҳира Қурбоналиевна, ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, к. Фирӯз, хонаи 138, 25.10.2016 с., аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шиносномаи шаҳрвандӣ, A03613108, ба номи Гариева Диана Ринатовна, ки санаи 26.03.2021 аз ШВКД-1 н. Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шаҳодатномаи умумии Ашуров Алишер, санаи таъсис 13.12.2020, РЯМ: 0730146056, РМА: 076326515, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Дафтарчаи имтиҳонот ва билети донишҷӯӣ ба номи Хомидов Саъди Умаралиевич, ки соли 2021 аз ҷониби МИСИС дода шудааст, бо сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

➔ Дипломи силсилаи ДТО №00415888, ки бо қайди №3033 ба хатмкардаи соли 2008 Шарипова Рисолат Ситамовна дода шудааст, бинобар сабаби гум шудан аз эътибор соқит дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

➔ Соҳибкори инфиродӣ, Акилов Амадуло Кенҷаевич, №0197759, РЯМ: 0130055155, РМА: 055110291, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

➔ Кооперативи тиҷоратии «ҶАМОЛИДДИН», РМА: 330013148, РЯМ: 3310009212, ки аз ҷониби Нозироти андоз дар ноҳияи Ҷ. Балхӣ дода шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

➔ ҶДММ "ҲУСНИ ОЛАМ", №1, РЯМ: 0210026264, РМА: 020050820, воқеъ дар ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи И. Сомонӣ 3/2, Блок 1, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

ҶОМИ ҶАҲОН-2026

# БУЗУРГТАРИН МУСОБИҚАИ ВАРЗИШИИ СОЛ ШУРУЪ МЕШАВАД

**Аз 11-уми июн яке аз бузургтарин мусобиқоти варзишии сол - Ҷоми ҷаҳонии футбол-2026 оғоз мешавад, ки то 19-уми июл идома мекунад. Ин аввалин Ҷоми ҷаҳон дар таърих аст, ки ҳамзамон дар се кишвар - Иёлоти Муттаҳида, Канада ва Мексика баргузор мешавад ва инчунин бузургтарин мусобиқа дар таърих бо иштироки 48 даста хоҳад буд.**



Бозиҳо дар 16 шаҳр, аз ҷумла дар 11 шаҳри ИМА: Ню-Йорк/Ню-Черси, Филаделфиё, Бостон, Атланта, Майами, Хюстон, Даллас, Лос-Анчелес, Сан-Франсиско, Канзас-Сити, Сиэтл, 3 шаҳри Мексика: Мехико-Сити, Гвадалахара, Монтеррей ва 2 шаҳри Канада: Торонто-ву Ванкувер баргузор мешаванд.

Бозии ифтитоҳӣ рӯзи 11-уми июн дар варзишгоҳи Эстадио Азтека дар Мехико-Сити, Мексика баргузор хоҳад шуд, ки дар он дастаҳои Мексика ва Африкои Ҷанубӣ вомехӯранд. 19-уми июл дар варзишгоҳи МетЛайф дар канори шаҳри Ню-Йорк, ИМА (Ню-Черси) бозии ниҳоӣ баргузор хоҳад шуд.

48 даста ба 12 гурӯҳи 4-дастай тақсим шудаанд. Ду дастаи беҳтарин аз ҳар гурӯҳ бо ҳашт дастаи беҳтарини чойҳои сеюм ба плей-офф роҳ меёбанд.

**Гурӯҳи A:** *Мексика, Африқои Ҷанубӣ, Куриёи Ҷанубӣ, Ҷумҳурии Чех*
**Гурӯҳи B:** *Канада, Швейтсария, Қатар, Босниё ва Ҳерзеговин*
**Гурӯҳи C:** *Бразилия, Марокаш, Ҳоити, Шотландия*
**Гурӯҳи D:** *ИМА, Парагвай, Австралия, Туркия*
**Гурӯҳи E:** *Олмон, Кюрасао, Кот-д'Ивуар, Эквадор*
**Гурӯҳи F:** *Нидерланд, Ҷопон, Тунис, Шветсия*
**Гурӯҳи G:** *Белгия, Миср, Эрон, Зеландияи Нав*
**Гурӯҳи H:** *Испания, Кабо-Верде, Арабистони Саудӣ, Уругвай*
**Гурӯҳи I:** *Фаронса, Сенегал, Норвегия, Ироқ*
**Гурӯҳи J:** *Аргентина, Алҷазоир, Австрия, Урдун*
**Гурӯҳи K:** *Португалия, Колумбия, Ӯзбекистон, Конгои Демократӣ*
**Гурӯҳи L:** *Англия, Хорватия, Гана, Панама*

ФУТБОЛ

# ДУ БОЗИИ ДӮСТОНАИ ДАСТАҲОИ МУНТАХАБИ ТОҶИКИСТОНУ ҲИНДУСТОН

**Дар доираи рӯзҳои расмии FIFA рӯзҳои 5 ва 9-уми июн дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар варзишгоҳи "Талко-Арена"-и шаҳри Турсунзода ва Варзишгоҳи марказии шаҳри Турсунзода бо тими миллии Ҳиндустон ду бозии дӯстона баргузор кард.**



Ин аввалин бозиҳои расмии мутахассиси мақдунӣ Игор Ангеловский дар мақоми сармураббии дастаи мунтахаби Тоҷикистон буд, ки аввалӣ бо ҳисоби 3:1 ба фоидаи дастаи Тоҷикистон анҷом ёфт.

Ҳамчунин, дастаи мунтахаби Тоҷикистон рӯзи 9-уми июн дар Варзишгоҳи марказии Ҳисор бозии дуюми дӯстонаи худро баргузор кард, ки ҳариф боз ҳам дастаи мунтахаби Ҳиндустон буд. Ин бозӣ бо натиҷаи мусовии 1:1 ба охир расид.

Пас аз аввалин бозии дӯстонаи худ дар моҳи июн, мавқеи ин дастаҳо ба самтҳои муқобил тағйир ёфт. Тоҷикистон се зина боло рафт, дар ҳоле ки Ҳиндустон, баръакс, се зинаро аз даст дод ва дар рейтинги ҷаҳонӣ ба ҷойи 139-ум поин рафт. Тоҷикистон ҳоло бо 1225.52 хол дар байни 211 даста дар ҷойи 100-ум қарор дорад.

ҶУДО

# МУСОБИҚАИ HOJI SHARIF DUSHANBE GRAND PRIX JUNIORS 2026 ТАСДИҚ ШУД

**Федератсияи байналмилалии ҷудо (IJF) идомаи тавсеаи тақвими мусобиқаҳои худро эълон карда, аз таъсиси силсилаи нави мусобиқаҳои Grand Prix байни ҷавонон хабар дод.**

Hoji Sharif Dushanbe Grand Prix Juniors 2026 нахустин мусобиқа дар таърихи ин силсила аст, ки 24-уми октябр дар Тоҷикистон баргузор мешавад. Ҳадафи роҳандозии ин мусобиқаҳо фароҳам овардани имкониятҳои бештари рақобати байналмилалӣ барои ҷудокорони ҷавон, ҷамъоварии имтиёзҳои рейтингӣ ва омодагӣ ба бузургтарин мусобиқаҳои ҷаҳонӣ мебошад.

Тоҷикистон аввалин кишваре хоҳад буд, ки мусобиқаи Junior Grand Prix-ро қабул мекунад ва бо ин иқдом саҳифаи наверо дар рушди ҷудои ҷаҳон боз хоҳад кард. Интизор меравад, ки мусобиқаи мазкур беҳтарин ҷудокорони ҷавонро аз кишварҳои гуногун гирди ҳам оварда, ба рушди насли нави варзишгарони ин ришта мусоидат кунад.

Қобили зикр аст, ки мусобиқаи Hoji Sharif Dushanbe Grand Prix Juniors 2026 рӯзҳои 24 ва 25-уми октябр дар шаҳри Душанбе баргузор мешавад.



Ёдовар мешавем, ки шаҳри Душанбе ҳамчунин рӯзҳои 18-20-уми декабри соли 2026 бори аввал мизбони мусобиқаи Dushanbe World Judo Masters 2026 мешавад.

РЕЗААХБОР



Мутахассиси маъруфи гурҷӣ Ираклий Узнадзе ба ҳайси сармураббии тими миллии ҷудои Тоҷикистон таъин карда шуд. Узнадзе аз зумраи мураббиёни шинохта ва соҳибтаҷрибаи ҷудои ҷаҳон ба ҳисоб рафта, дар тӯли фаъолияти касбии худ роҳбарии тимҳои миллии Гурҷистон ва Туркияро ба уҳда доштааст. Зери роҳбарии ӯ даҳҳо варзишгар дар мусобиқаҳои сатҳи ҷаҳонӣ ба комёбиҳои назаррас ноил гардида, дар Бозиҳои олимпӣ, чемпионатҳои ҷаҳон ва Аврупо, инчунин мусобиқаҳои бонуфузи силсилаи Grand Slam, Grand Prix ва Masters соҳиби медалҳои зиёде шудаанд.

***

Дар шаҳри Намангони Ӯзбекистон Гран-при куштии тарзи озод ва юнонӣ-румӣ баргузор шуд, ҳудуди 400 паҳлавон аз ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Тоҷикистон, Молдова, Англия, Тайпеи Чин, Урдун, Арабистони Саудӣ, Беларус, Туркия ва Русия ширкат доштанд. Дар ҳайати дастаи Тоҷикистон Абдулмаҷид Кудиев (65 кг) нишони тило, Исмоил Картоев (97 кг) нишони нуқра, Сомонҷон Икромов (86 кг) нишони биринҷӣ ба даст оварданд.

***

Рӯзҳои 13-14-уми июни соли 2026 шаҳри Душанбе мизбони XV Чемпионати Осиё оид ба кураш байни калонсолон хоҳад буд. Мусобиқа бо иштироки беҳтарин паҳлавонони кораи Осиё баргузор гардида, дар арафаи ҷашни 35-солагии Истиқлоли Тоҷикистон баргузор мешавад.

***

Дар доираи омодагӣ ба марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2027 мунтахаби олимпии Тоҷикистон (U-23) таҳти роҳбарии Мубин Эргашев бо ҳамсолони худ аз Чин ду бозии дӯстона баргузор кард. Воҳӯрии якум 6-уми июн баргузор гардида, бо ҳисоби 1:0 ба фоидаи мизбонон анҷом ёфт. Дар бозии дуюм ҳам ҷавонони Тоҷикистон шикаст хӯрданд. Ин навбат бо ҳисоби 0:3.




## ҶАНГИ ЗАНУ ШАВҲАР

Зану шавҳар мунокиша мекунанд. Зан бо гиря мегӯяд:

-Дигар бо ту зиндагӣ кардан намехоҳам, ба хонаи падарам меравам.

Мард дар ҷавоб мегӯяд:

-Рав, мана ин пул роҳпулият.

Зан пулро гирифта, мегӯяд:

-Эээ, ин пул барои аз он тараф омадан намерасад-ку!

## ШАРТИ ШАВҲАР

Марде ба дӯсташ мегӯяд:

-Ба занам ангуштарии бриллиантдор харидам. Ду ҳафта боз бо ман гап намезанад.

Дӯсташ ҳайрон шуда мепурсад:

-Наход ангуштарии бриллиантдорро гираду боз гап назанад?

Мард мегӯяд:

-Шартамон чунин буд, дӯстам!

## КӮДАКИ ЗИРАК

Марде дар роҳ кӯдакеро мебинад, ки дар даст 100 доллар дорад. Кӯдакро фиреб карданӣ шуда, мегӯяд:

-Бачаҷон, биё пулатро ба ман деҳ, ман ба ту дуто пул медиҳам.

Кӯдак дар ҷавоб мегӯяд:

-Аввал мисли хар садо бароред.

Мард хоҳиши кӯдакро иҷро мекунад, вале бача пулро надода, боз мегӯяд:

-Акнун мисли саг ак-ак кунед.

Мард боз хоҳиши кӯдакро иҷро мекунад, вале бе натиҷа. Ин дафъа кӯдак мегӯяд:

-Ба мисли гов садо бароред.

Мард боз хоҳиши бачаро иҷро мекунад. Кӯдак ин дафъа хандида мегӯяд:

-Акнун гов пулро мешинохтаасту мо кӯдакон намешиносем-мӣ?

## ЧИЗИ ПУРҚИМАТ

Дар синфи як муаллима ба кӯдакон вазифа медиҳад, ки чизи аз ҳама қиматбаҳоро номбар кунанд. Анвар аз ҷояш хеста, дар бораи мошини падараш нақл мекунад. Меҳрона бошад, гарданбанди бриллиантии модарашро таъриф мекунад. Баногоҳ Карим аз ҷояш хеста, мегӯяд:

-Гулдоманӣ!

Муаллима қариб аз ҳуш рафта, мегӯяд:

-Каримҷон, ту чиҳо мегӯӣ? Ту ақаллан медонӣ, ки гулдоманӣ чист?

Карим мегӯяд:

-Чӣ буданашро намедонам, вале аниқ медонам, ки чизи хеле қимат аст, чунки имрӯз субҳгоҳон вақте апаам гуфт, ки гулдоманияш гум шудааст, модарам аз ҳуш рафтанду падарам сактаи дил шуда, ҳамсоямон худкушӣ кард!

**Х. БАСРИДДИНОВ**

## ДАШНОМИ АРАБӢ

Марде дар Арабистон пулҳои мардеро медуздад. Марди араб дуздро қапида, бо забони худаш дашномҳои болохонадор медиҳад.

Мард худ ба худ мегӯяд:

- Ман пулҳои ин мардро دуздидам, ӯ бошад, ба ман сура қироат мекунад.

## ҶАНҶОЛИ АВТОБУС БО ТРОЛЛЕЙБУС

Автобус троллейбусро таъна мезанад:

- Мурда-мурда, рӯз то бегоҳ барои чор тин худатро ба сим кашол карда, азоб медиҳӣ.

Троллейбус дар қаҳр шуда, ҷавоб медиҳад:

- Ман ту барин нестам, ки барои як тин зӯр зада, аз дилу ҷигарам дуд барорам.

## ДӮЗАХ

Марде ба дӯсташ ҳасрат мекунад:

- Бо шарофати занам ман тақводор шудам.

Дӯсташ ҳайрон шуда, мепурсад:

- Чӣ тавр?

Мард дар ҷавоб:

- То рӯзи тӯямон ман ба вуҷуд доштани дӯзах боварӣ надоштам.

## МОҶАРО

Дар байни кӯча ду нафар бо ҳам мунокиша мекунанд. Марди якум мегӯяд:

- Гӯсфанд!

Марди дуюм дар ҷавоб:

- Худат гӯсфанд!

Роҳгузаре ҷанҷоли онҳоро шунида, мегӯяд:

- Модоме ҳардуятон хешу табор бошед, барои чӣ моҷаро мекунед?

## ДАРЁИ ДАРОЗТАРИН

Муаллима савол медиҳад:

- Султон, ту гуфта метавонӣ, ки кадом дарё дарозтар аст: Волга ё Миссисипи?

Султон дар ҷавоб:

- Миссисипи.

Муаллима боз мепурсад:

- Гуфта метавонӣ, ки чӣ қадар дарозтар аст?

Султон мегӯяд:

- Хайр... Миссисипи 4 ҳарф зиёдтар аст, муаллима.

## БАРҚ

Омӯзгор аз талаба мепурсад:

- Канӣ гап зан, қувваи барқ аз куҷо ҳосил мешавад?

Талаба дар ҷавоб:

- Аз ҷангал.

Омӯзгор ҳайрон шуда, мепурсад:

- Чӣ хел аз ҷангал?

Талаба мегӯяд:

- Ҳамин саҳарӣ падарам риш гирифта истода буд, ки қувваи барқро хомӯш карданд. Падарам инро дида, гуфт: “Ин маймунҳо боз барқро хомӯш карданд ку!”.

**Таҳияи Н. РАҶАБОВА**

## Сканворд

